БОНКДОРӢ

ТАРАҚҚИЁТ ҶАҲОНИШАВӢ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

МАҶАЛЛАИ ТАҲЛИЛИИ БОНКӢ

ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2026

№1 (112)

Роҳи тайкардаи мо дар зарфи қариб 35 соли гузашта баръало нишон дод, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба анҷоми корҳои бузург қодиранд, Ватани хешро сидқан дӯст медоранд ва барои ҳимояи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодии худ ҳамеша омодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон



Соли 2026

«Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ»



НАВРӮЗ 2026

Эмомалӣ Раҳмон

Таърихан тоҷикӣ будани номи Наврӯз гувоҳи равшани он аст, ки ин ойини муборак бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи худ аз муҳити зисти ниёгони ориёитабори мо бархостааст.

ДАР ИН ШУМОРА:


ПРЕЗИДЕНТ

3 НАВРӮЗ ҶАШНЕСТ, КИ БО ЭҲЁВУ САРСАБЗ ГАРДИДАНИ ТАБИАТ БА ХОНАДОНИ МАРДУМИ КИШВАР СУРУРУ ШОДМОНӢ МЕОВАРАД ВА ОДАМОНРО ДАР БАРОБАРИ ЗОҲИРИ ОРОСТА БА ПОКСОЗИИ БОТИН ВА АЗ ҚАЛБҲО БЕРУН КАРДАНИ КИНАВУ АДОВАТ ТАШВИҚУ ҲИДОЯТ МЕКУНАД.

Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯз

ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТ

14 НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ: РУШД, УСТУВОРӢ ВА ДАСТОВАРДҲО



РӮЙДОДИ МУҲИМ

8 МАРҲИЛАИ НАВИ ҲАМКОРИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ГУРӮҲИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

35 АМНИЯТИ МОЛИЯВӢ ВА МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ: НАҚШИ ҲАМКОРИИ БАЙНИ-ИДОРАВӢ ДАР МУҚОВИМАТ БА ТАҲДИДҲОИ МУОСИР

ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТ

20 НИЗОМИ СУҒУРТАИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2025: НАТИҶАҲО ВА ДУРНАМОИ РУШД



Фирдавс Толибзода,
Раиси Бонки миллии Тоҷикистон

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи таҳкими рушди устувори иқтисодӣ қарор дорад. Дар ин раванд низоми молиявӣ ҳамчун яке аз заминаҳои асосии пешрафти иқтисод, ҷалби сармоя, рушди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ нақши калидӣ мебозад.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ таъкид намуданд, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, татбиқи технологияҳои муосир ва рушди устувори кишвар аз самаранокӣ ва устувории низоми молиявӣ вобастагии мустақим дорад. Ин ҳадафҳо аз ҳамаи иштирокчиёни бозори молиявӣ масъулияти бештар, навоварӣ ва натиҷагирии баландро тақозо менамоянд.

Дар солҳои охир низоми бонкӣ ва суғуртавии кишвар тавонист мавқеи худро ҳамчун бахши устувори иқтисод таҳким бахшад. Пешрафт дар самти рақамикунонии хизматрасониҳо, густариши фарогирии молиявӣ, таҳкими эътимоди ҷомеа ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ барои марҳилаи нави рушди соҳа заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Дар айни замон, тағйироти босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва рушди технологияҳои молиявӣ аз муассисаҳои молиявӣ сатҳи нави рақобатпазирӣ, идоракунии самараноки хавфҳо ва сармоягузории пайваста ба рушди захираҳои инсониро талаб менамояд. Қобилияти мутобиқшавӣ ба ин равандҳо омили муайянкунандаи муваффақияти ояндаи соҳа хоҳад буд.

Шумораи навбатии маҷаллаи «Бонкдорӣ, Тараққиёт ва Ҷаҳонишавӣ» муҳимтарин масъалаҳо, тамоюлҳо ва дастовардҳои соҳаи бонкдорӣ ва суғуртаро фаро гирифта, барои мубодилаи дониш, таҷрибаи пешқадам ва таҳлили равандҳои муосир фазои муфиди касбӣ муҳайё месозад.

Итминон дорем, ки бо такя ба сиёсати созандаи давлат, таҷрибаи андӯхташуда ва неруи зеҳнии мутахассисони соҳа, низоми бонкӣ ва суғуртавии Тоҷикистон минбаъд низ дар таҳкими суботи молиявӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини пешрафти устувори кишвар саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Суботи молиявӣ, эътимод ва навоварӣ ҳамоно пояҳои асосии рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ боқӣ мемонанд.

ДАР ИН ШУМОРА:

FEATURED INTERVIEW

26 FROM GRIPS GRADUATE TO CENTRAL BANK CHAIRMAN: FIRDAVS TOLIBZODA`S VISION FOR TAJIKISTAN

РӮЙДОДИ МУҲИМ

11 ТАТБИҚИ ҚОНУНҲОИ МИЛЛӢ - ЗАМИНАИ РУШДИ УСТУВОР ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

НАВРӮЗ - ПАЁМИ СУЛҲ, ДӮСТӢ ВА НАВСОЗӢ

51 ТАҶЛИЛИ БОШУКӮҲИ ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ҲИСОБОТ

69 ҲИСОБОТИ БОНКҲО ВА ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР



42 НИЗОМИ БОНКИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ РУШДИ УСТУВОР



62 ТАРҒИБИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ВА РУҲИЯИ ДАСТАВӢ

БОНКДОРӢ
ТАРАҚҚИЁТ ҶАҲОНИШАВӢ

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
1 (112) ЯНВАР-МАРТ, 2026

тел: +992 (44) 600- 32- 49
факс: +992 (44) 600- 32- 49

НИШОНИИ МАҶАЛЛА:
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
e-mail: majalla@nbt.tj

РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:
Ф. Толибзода

Аъзои Шурои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода
Д. Муродализода
Қ. Хушвахтзода
Ш. Хайрзода
Т. Ҳақназаров
М. Ҳасанова

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова
Кормандон:
М. Умадуллоева
С. Ҳакимова
Ҳ. Муҷебуллоев

Маҷаллаи "Бонкдорӣ, Тараққиёт, Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №441/МҶ- 97, аз 07 октябри 2025 с.

Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводи муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 600 нусха.
Дар матбааи



Наврӯз ҷашнест, ки бо эҳёву сарсабз гардидани табиат ба хонадони мардуми кишвар суруру шодмонӣ меоварад ва одамонро дар баробари зоҳири ороста ба поксозии ботин ва аз қалбҳо берун кардани кинаву адоват ташвиқу ҳидоят мекунад.

Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯз

20.03.2026, шаҳри Душанбе

Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи шумо – хурду бузурги мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯзро ба муносибати фарорасии Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик мегӯям.

Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои башар, оғози соли нав, айёми аз сардӣ ба гармӣ баромадан, эҳёи дигарбораи табиат ва тамоми



> Имрӯз мардумони кишварҳои гуногун ҳамдигарро бо забони ширину зебои тоҷикии “Наврӯз муборак!” шодбош мегӯянд.

мавҷудоту набототи он мебошад.

Мардумони куҳанбунёди ориёитабор ғайр аз Наврӯз ойину ҷашнҳои дигари бостонӣ, аз ҷумла Сада, Тиргон ва Меҳргонро низ таҷлил мекунанд, вале Наврӯз дар миёни онҳо шукӯҳу ҷалоли хосса дорад.

Гузаштагони некному хирадманди мо ин ҷашнро бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд дар тули беш аз шаш ҳазор сол ҳифз карда, то замони мо расонидаанд.

Ин ҷашни фархунда тайи ҳазорсолаҳо ба мероси гаронбаҳои фарҳанги мардумӣ ва ҷузъи ҷудоинопазири ҳувияту ифтихори миллии мо табдил ёфтааст.

Ҳамзамон бо ин, фарҳанги пуразиши наврӯзӣ тадричан ҳамчун омили муҳимми сулҳу оромӣ ва ҳамзистии фарҳангу тамаддунҳо ва қаламравҳои гуногун эътироф гардидааст.

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд баробаршавии шабу рӯз дар як сол ду маротиба рух медиҳад, аммо Наврӯз ҳамчун падидаи зебои табиӣ эҳёи табиат ва мавҷудоти оламро дар фасли баҳор, яъне нишонаҳои зиндагии навро дар худ таҷассум мекунад.

Ба ҳамин сабаб ниёгони хирадманди мо маҳз ҳамин рӯз, яъне эътидоли баҳориро оғози соли нави хуршедӣ қарор додаанд ва онро бо калимаи зебои тоҷикӣ “наврӯз” ном ниҳодаанд.

Номи Наврӯз дар тули ҳазорсолаҳо дигар нашудааст ва бо ҳамин номи мантиқиву зебо то замони мо зинда мондааст.

Имрӯз мардумони кишварҳои гуногун ҳамдигарро бо забони ширину зебои тоҷикии “Наврӯз муборак!” шодбош мегӯянд.

Таърихан тоҷикӣ будани номи Наврӯз гувоҳи равшани он аст, ки ин ойини муборак бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи худ аз муҳити зисти ниёгони ориёитабори мо бархостааст.

Бинобар ин, мо - вориссони ин ҷашни зеборо зарур аст, ки бо бунёди Маркази байналмилалии Наврӯз дар пойтахти кишварамон – шаҳри Душанбе ба арзишу суннатҳои он арҷ гузорем,





онҳоро ҳифз кунем ва густариш диҳем, зеро ҳифзи ин ҷашн, пеш аз ҳама, посдориву нигоҳдории яке аз шоҳсутунҳои ҳувияту худшиносии миллии мо мебошад.

Воқеан, бояд гуфт, ки мо дар кишвари худ ду ҷашни муқаддас ва бузург дорем, ки яке ҷашни истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон ва дигаре Наврӯз - ойини бостонии аз аҷдоди ориёиамон бамеросмонда мебошад.

Ва метавон гуфт, ки ин ду падида ду боли парвози мо дар масири таърих ба шумор мераванд.

Дар робита ба ин, мехоҳам хотирнишон намоям, ки ҷашни Наврӯзи имсола ҳамчун омили муҳимми худшиносиву худогоҳии мо – тоҷикон аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Чунки соли 2026-ро мо “Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ” эълон кардаем.

Ҳамватанони азиз!

Наврӯз на танҳо ҷашни эҳёи табиат ва замони баробаршавии шабу рӯз аст, балки ҷашни марди деҳқон ва оғози мавсими корҳои кишоварзию боғдорӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ин хотир, кишоварзон ва ҳамаи онҳое, ки бо замин сарукор доранд, аз ҷумла шахсоне, ки соҳиби заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ мебошанд, бояд аз ҳар як рӯзи мусоиди фасли баҳор истифода баранд.

Мо бояд барои ба даст овардани ҳосили фаровон, яъне зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмин намудани бозори истеъмолӣ, боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ҳифзи амния-



ти озуқавории мамлакат ҳарчи бештар саъю кӯшиш намоем.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки вазъи ҷаҳони муосир рӯз ба рӯз мураккабу ҳассос гардида, дастрасии аҳолии сайёра ба маводи ғизоӣ торафт душвор шуда истодааст.

Бинобар ин, мо бояд аз тамоми захираву имкониятҳое, ки дар ихтиёр дорем, аз ҷумла аз ҳар як вақаб замин ва об самараноку оқилона истифода намоем.

Мо имсол Наврӯзро ба шукронаи сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва дар давраи омодагӣ ба ҷашни бузурги миллиамон - 35-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон пешвоз мегирем.

Эътимоди комил дорам, ки мардуми сарбаланди Тоҷикистон кору фаъолияти бунёдкориву созандаи худро ба хотири истиқболи сазовори ин ҷашни муқаддаси миллӣ вусъати тоза мебахшанд.

Мо бояд ин неъмати муқаддасу бебаҳо, яъне истиқлолу озодиро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз кунем ва шукрона кунем, ки мо – тоҷикон соҳиби давлати соҳибистиқлол ҳастем!

Наврӯз ҷашнест, ки бо эҳёву сарсабз гардидани табиат ба хонадони мардуми кишвар суруру шодмонӣ меоварад ва одамонро дар баробари зоҳири ороста ба поксозии ботин ва аз қалбҳо берун кардани кинаву адоват ташвиқу ҳидоят мекунад.

Наврӯзи фархундапай, ҳамчунин, талқин мекунад, ки мо ба тозагиву озодагӣ ва ободии гирду атроф, яъне муҳити зисти худ аҳаммияти хосса диҳем.

Яъне дар бар кардани либосҳои миллӣ ва хонаву маҳалли зисти худро тозаву озода нигоҳ доштан аз ойинҳои бисёр муҳимми ин ҷашн маҳсуб меёбанд.

Аз ин лиҳоз, мардуми мо ба истиқболи Наврӯз хонаву кошонаи худро озодаву ороста мегардонанд, қалбҳои хешро аз кинаву кудурат пок месозанд ва ин ҷашн, яъне саршавии солро бо дили поку нияти нек, бо умеди оромиву осоиш ва файзу баракат тақлил мекунанд.

Ин аст, ки ойину суннатҳо ва маҳфилу

Наврӯзи фархундапай, ҳамчунин, талқин мекунад, ки мо ба тозагиву озодагӣ ва ободии гирду атроф, яъне муҳити зисти худ аҳаммияти хосса диҳем.



базмҳои Наврӯзӣ мардумро сарҷамъу муттаҳид месозанд.

Вобаста ба ин, хотиришон месозам, ки мо бояд бо забон, таърих ва фарҳанги бостонии худ, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои бою рангоранги миллии худ, аз ҷумла сару либос ва таомҳои миллиамон ифтихор намоем, онҳоро ҳифз кунем ва густариш диҳем.

Ҳамватанони азизи мо, ҳамчунин, набояд фаромӯш созанд, ки дасти кумак дароз кардан ба ниёзмандон, хурсанд кардани дили ятимон, хабар гирифтан аз ҳоли падару модарон, бародарону хоҳарон, беморону калонсолон ва дигар амалҳои хайре, ки боиси хушҳоливу болидахотирии инсонҳо мегарданд, яке аз ҷанбаҳои умдаи ҷашни Наврӯз мебошад.

Бовар дорам, ки мо бо ваҳдату сарҷамъӣ ва заҳмати аҳлонаи мардумамон ба ҳама ҳадафҳои стратегие, ки дар назди худ гузоштаем, мерасем ва Наврӯзи бостонӣ бо қадамҳои мубораки худ ба ҳар як хонадони мамлакат шодиву хушҳолӣ ва барору комёбӣ меоварад.

Дар шароити бисёр ҳассосу пурҳаводиси ҷаҳони имрӯза мо ба шукронаи соҳибватанӣ ва соҳибдавлативу соҳибистиқлолӣ бояд боз ҳам муттаҳиду сарҷамъ ва босабру таҳаммул бошем, Ватани азизи худро сидқан дӯст дорем, ба таърих, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллиамон арҷ гузорем.

Бо эътимоди комил ба фардои ободи Тоҷикистони маҳбубамон, бори дигар фарорасии Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалиро ба хурду бузурги мардуми кишвар, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона шодбош мегӯям.

Ба хонадони ҳар як фарди мамлакат саломативу сарбаландӣ, хушбахтиву саодати рӯзгор ва файзу баракати наврӯзӣ орзу менамоям.

Соли нави аҷдодӣ ва Наврӯзи байналмилалӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

www.president.tj

ИТТИЛООТ • НАВИД • РӮЙДОД



Марҳилаи нави ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ

26 феврали соли 2026 мулоқоти муҳим миёни раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ва ҳайати Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ бо роҳбарии директори муассисаҳои молиявии IFC дар кишварҳои Ховари Миёна, Осиёи Марказӣ, Туркия, Покистон ва Афғонистон хонум Момина Айджазуддин баргузор гардид, ки он идомаи мантиқии ҳамкориҳои дарозмуддати шарикона арзёбӣ мегардад.



Зимни мулоқот таваҷҷуҳи асосии ҷонибҳо ба густариши дастрасии бахши хусусӣ ба маблағгузорӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ҷорӣ намудани стандартҳои муосири молиявӣ равона гардид. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон махсусан аз нақши IFC дар таҳкими устувории низоми бонкӣ, тақвият бахшидани меъёрҳои муосири идоракунии корпоративӣ, такмили низоми идоракунии хавфҳо ва рушди хизматрасониҳои рақамӣ таъкид намуд.

Инчунин, мавзуи барраси ҷонибҳоро самтҳои нав, аз ҷумла рушди молияи сабз ва устувор, маблағгузории соҳибкории хурду миёна, аз қабили дастгирии соҳибкории занон, такмили низоми комплаенс ва идоракунии хавфҳо, рақамисозии хизматрасониҳои молиявӣ ҷалб намуд. Ин раванд нишон медиҳад, ки низоми бонкии кишвар тадриҷан ба стандартҳои байналмилалӣ ҳамгиро шуда истодааст.

Дар маҷмуъ, ҷонибҳо омодагии худро барои таҳкими устувории молиявӣ, густариши фарогирии молиявӣ ва таъмини рушди пойдори бахши молиявии кишвар ҳамчун идомаи ҳамкории созанда изҳор намуданд.

Таҳкими суботи молиявӣ дар шароити таҳаввулоти иқтисоди ҷаҳонӣ



Ҷаласаи ёздаҳуми Шурои миллии суботи молиявӣ

Масъалаҳои таҳкими суботи молиявӣ, баланд бардоштани муқовиматпазирии иқтисоди миллӣ ба хавфҳои берунӣ ва рушди механизмҳои муосири молиявӣ меҳвари муҳокимаҳои ҷаласаи ёздаҳуми Шурои миллии суботи молиявӣ қарор гирифт. Ҷаласаи мазкур 5 марти соли 2026 дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳти раёсати Раиси Шуро - вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмонзода Абдураҳмон ва ҳузури намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон доир гардид.

Аъзои Шуро ҷаласаро аз баррасии рафти иҷрои қарорҳои ҷаласаи қаблӣ оғоз намуда, ҳисоботи сохторҳои дахлдорро вобаста ба вазъи молиявии низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, дурнамои рушди минбаъдаи он, инчунин нишондиҳандаҳои асосии тавозуни пардохт, аз ҷумла содироту воридот, маблағгузории ҳисоби ҷорӣ ва ҳисоби молиявӣ мавриди таҳлил қарор доданд.

Дар рафти баргузории ҷаласа аъзои Шуро бо пешниҳоди рӯнамоҳо оид ба вазъи феълии бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ва роҳҳои ҳалли вусъатбахшии он ва дигар масъалаҳои рӯзнома муҳокимаронӣ анҷом доданд.

Таъкид гардид, ки нигоҳ доштани тавозуни макроиқтисодӣ ва суботи молиявӣ дар шароити таъсири омилҳои берунӣ аз ҳамоҳангии сиёсати пулию қарзӣ, буҷетӣ ва сохтории давлатӣ вобастагии мустақим дорад. Дар ин раванд рушди бозори дохилии коғазҳои қиматноки давлатӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми таъмини самараноки идоракунии захираҳои молиявӣ ва густариши механизмҳои бозории маблағгузорӣ арзёбӣ гардид.

Ҳамзамон, дар ҷаласа масъалаҳои вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Зикр карда шуд, ки рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ на танҳо ба баланд гардидани шаффофияти гардиши маблағҳо мусоидат менамояд, балки ҳамчун омили муҳимми коҳиш додани

ИТТИЛООТ • НАВИД • РӮЙДОД



иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва тақвияти самаранокии низоми молиявӣ низ баромад мекунад. Дар ҷаласа ба нақши иқтисоди рақамӣ дар таҳкими суботи молиявӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Қайд карда шуд, ки ҷорӣ намудани технологияҳои муосири рақамӣ, тавсеаи инфрасохтори молиявии рақамӣ ва истифодаи васеи қарорҳои инноватсионӣ дар низоми молиявӣ ба баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ, тақвияти рақобатпазирии бахш ва баланд шудани самаранокии идоракунии хавфҳо мусоидат менамояд.

Аъзои Шуро ҳамчунин иброз доштанд, ки дар шароити таҳаввулоти босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ тақвияти ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои молиявӣ аҳаммияти стратегӣ касб мекунад. Маҳз ҳамкории муассир миёни мақомоти калидии давлатӣ метавонад барои пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ, нигоҳ доштани эътимод ба низоми молиявӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ заминаи боэътимод фароҳам оварад.

Дар анҷоми ҷаласа зарурати татбиқи босамари дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмин намудани рушди фарогиру устувори иқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар бахшҳои молиявӣ таъкид гардид.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима қарорҳои дахлдор оид ба рушди бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, рушди иқтисоди рақамӣ дар таҳкими минбаъдаи суботи молиявӣ қабул карда шуданд.

Қобили зикр аст, ки Шурои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми байниидоравии доимоамалкунандаи машваратӣ буда, бо

Татбиқи қонунҳои миллӣ - заминаи рушди устувор ва вахдати миллӣ





13 феврали соли 2026 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади барраси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин” ҷамъомад баргузор гардид. Дар чорабинӣ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ, намояндаи Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бурҳониддин Абдулазиззода, кормандони дастгоҳи марказӣ ва аъзои комиссияҳои ҷамъиятии шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ ва Ғарм тариқи ҳузурӣ ва фосилавӣ иштирок намуданд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ зимни суханронӣ таъкид намуд, ки сиёсати давлатӣ дар самти танзими ҷашну маросим ва рушди фазои таҳаммулпазирӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад. Зикр гардид, ки ин сиёсати хирадмандона бо ташаббус ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №331 бо мақсади барраси масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ, ошкорсозии хавфҳо дар низоми молиявӣ ва таҳияи тадбирҳо барои коҳиш додани онҳо таъсис дода шудааст.

ИТТИЛООТ • НАВИД • РӮЙДОД



Мақсуд Сафарзода баромад карда, ба саволҳои иштирокдорони ҷамъомад посухҳои мушаххас гардониданд.

Дар фаровард, бо роҳнамоӣ аз ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардид, ки риояи талаботи қонунҳои миллӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, дар Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ тақвият ёфта, ба рушди устувори ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, ба беҳтар гардидани вазъи иҷтимоиву иқтисодии аҳолӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими ваҳдати ҷомеа мусоидат менамояд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба танзими хароҷоти зиёдатии шаҳрвандон, беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва тақвияти фарҳанги масъулият дар баргузории маъракаҳо замина фароҳам овардааст. Таъкид гардид, ки иҷрои босамари муқаррароти қонуни мазкур ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарият ва кормандони Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад.

Ҳамзамон зикр гардид, ки “Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин” бар пояи ғояҳои дунявӣ, озодии виҷдон, озодии пайравӣ ба дин, гуногунандешӣ, таҳаммулпазирӣ ва баробарии тамоми пайравони динҳо дар назди қонун амалӣ мегардад. Ҳадафи асосии консепсияи мазкур муайян намудани дурнамои дарозмуҳлат ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои динии инсон ва шаҳрванд, таҳкими пояҳои давлати дунявӣ, густариши фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва таъмини амнияту ризоият дар фазои динии кишвар мебошад.

Дар мавриди муқаррароти асосии санадҳои зикршуда намояндаи Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бурҳониддин Абдулазиззода ва узви Комиссияи ҷамъиятии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба танзими ҷашну маросим

Таҳкими механизмҳои муқовимат ба ҷиноятҳои молиявӣ дар бахши дороиҳои маҷозӣ

Дар шаҳри Душанбе баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда,

маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (ҚД/МТ/МПСҚО) дар соҳаи муомилоти дороиҳои маҷозӣ доир гардид, ки он дар доираи ҳамкорӣ бо Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо роҳандозӣ мегардад.

Бо ин мақсад, коршиноси сатҳи байналмилалӣ хонум Грета Барскайнскене моҳи январ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, дар доираи сафари кории худ дар Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдори кишвар як қатор вохӯриҳои дуҷонибаю бисёрҷониба доир намуд.

Баҳодиҳии хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО дар соҳаи муомилоти дороиҳои маҷозӣ дар меҳвари вохӯриҳои намояндаи Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо қарор гирифтанд.

Дар рафти мулоқот бо намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон методология ва раванди баҳодиҳии хавфҳо, таҷрибаи байналмилалӣ дар самти танзим ва назорати дороиҳои маҷозӣ, инчунин хавфҳои эҳтимолии вобаста ба истифодаи онҳо барои мақсадҳои ғайриқонуниро мавриди баррасӣ қарор доданд. Зимни мулоқотҳо аз ҷониби иштирокдорон зарурати таҳкими ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт таъкид карда шуд.





Махсусан қайд карда шуд, ки натиҷаи баҳодиҳии хавфҳо метавонад ҳамчун асос барои таҳияи тадбирҳои минбаъдаи танзим ва баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирӣ ва ошкорсозии ҷиноятҳои марбут ба дороиҳои маҷозӣ мавриди истифода қарор гирад.

Ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати идомаи ҳамкорӣ, табодули иттилоот ва татбиқи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ дар раванди баҳодиҳии хавфҳо изҳор намуданд.

БТҶ,
nbt.tj



Натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ: рушд, устуворӣ ва дастовардҳо

8 январи соли 2026 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи васеъ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкии кишвар дар соли 2025 ва муайян намудани вазифаҳо барои нимсолаи аввали соли 2026 баргузор гардид. Дар ҷаласа роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ассотсиатсияҳои соҳавӣ ва дигар сохторҳои марбут иштирок намуданд. Ҷаласа таҳти роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс, бо ҳузури Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ҳикматуллозода Неъматулло, муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз, муовинони раис - Икромӣ Сироҷиддин, Назирӣ Гулбаҳор, Муродализода Далер доир гашт.

Дар маркази муҳокима масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ, рушди хизматрасониҳои рақамӣ, густариши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, беҳтар намудани сифати қарзҳо ва тақвияти нақши низоми бонкӣ дар рушди иқтисоди миллӣ қарор доштанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зимни баромади худ таъкид намуд, ки фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2025 сарфи назар аз вазъи мураккаби геосиёсӣ ва номуайяниҳои иқтисодии ҷаҳонӣ дар маҷмуъ устувор ҷамъбаст гардид. Ба гуфтаи ӯ, татбиқи сиёсати мутавозини пулию қарзӣ имкон дод, ки сатҳи таваррум дар ҳудуди пешбинишуда нигоҳ дошта шуда, суботи қурби пули миллӣ ва фаъолияти муътадили ташкилотҳои қарзӣ таъмин гардад.

СУБОТИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни суханронӣ иброз дошт, ки дар соли 2025 сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ ва сатҳи пасти таваррум равона карда шуд. Сатҳи таваррум дар соли ҳисоботӣ 3,5 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба

Сатҳи таваррум дар соли ҳисоботӣ 3,5 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба бисёр кишварҳои минтақа нишондиҳандаи нисбатан муътадил арзёбӣ мегардад.



бисёр кишварҳои минтақа нишондиҳандаи нисбатан муътадил арзёбӣ мегардад.

Яке аз натиҷаҳои назарраси соли 2025 устувор гардидани қурби пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА ба ҳисоб меравад. Дар шароите, ки дар аксари кишварҳои минтақа тағйирёбии шадиди қурби асъор ба мушоҳида мерасид, устувории сомонӣ ҳамчун омили муҳимми нигоҳдории эътимод ба низоми молиявӣ ва бозори дохилӣ арзёбӣ гардид.

Ҳамзамон, Бонки миллии Тоҷикистон эълон намуд, ки аз соли 2026 ба татбиқи реҷаи ҳадафгирии таваррум мегузарад. Ин иқдом ҳамчун марҳилаи нави такмили сиёсати пулию қарзӣ арзёбӣ гардида, ба мутобиқ намудани низоми молиявии кишвар ба стандартҳои муосири байналмилалӣ нигаронида шудааст.

АФЗОИШИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ НИЗОМИ БОНКӢ

Дар соли 2025 нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ тамоюли мусбат нишон доданд. Ҳаҷми дороиҳои низоми бонкӣ ба 59,2 млрд сомонӣ расида, сармояи ташкилотҳои қарзӣ низ афзоиш ёфт. Ин раванд нишон медиҳад, ки низоми бонкӣ дар маҷмуъ тавонист сатҳи устувории молиявии худро нигоҳ дорад.

Меъёрҳои кифоятии сармоя ва пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ аз талаботи муқарраршуда зиёдтар нигоҳ дошта шуданд, ки ин омодагии низоми бонкиро ба муқобила бо хавфҳои эҳтимолии дохилӣ ва беруна инъикос менамояд.

Ҳамчунин, коҳиш ёфтани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол то 3,2 фоиз яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми беҳтар гардидани сифати сандуқи қарзӣ ба шумор меравад. Ин нишондиҳанда аз он дарак медиҳад, ки ташкилотҳои қарзӣ дар самти идоракунии хавфҳо ва назорати сифати қарзҳо тадбирҳои муассир андешидаанд.



НАҚШИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ ВОҚЕЙ

Дар соли ҳисоботӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ маблағгузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиётро идома доданд. Ҳаҷми умумии қарзҳои пешниҳодшуда ба иқтисодиёт ва аҳолӣ ба 30 млрд сомонӣ расид.

Қисми назаррасии маблағгузорӣ ба соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ, равона гардид. Ин масъала дар сиёсати иқтисодии давлат аҳаммияти калидӣ дошта, ба рушди истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва зиёд намудани иқтидори содиротии кишвар мусоидат менамояд.

> Дар доираи сиёсати рақамикунонӣ шумораи кортҳои пардохтӣ, ҳамёнҳои электронӣ, QR-рамзҳо, банкоматҳо ва дигар инфрасохтори пардохтӣ афзоиш ёфтанд.

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо аз зиёд будани ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар сохтори қарздиҳӣ дарак медиҳанд. Аз ин рӯ, зимни ҷалаба дар назди ташкилотҳои қарзӣ вазифа гузошта шуд, ки маблағгузории бахшҳои истеҳсолӣ, саноат, кишоварзӣ ва лоиҳаҳои дарозмуҳлати сармоягузориро бештар намоянд.

Ҳамзамон, дар ҷалаба масъалаи рушди бозори қарзҳои ипотекӣ ва иҷтимоӣ низ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти минбаъдаи низоми бонкӣ арзёбӣ гардид.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зарурӣ ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ 29,4 фоизро ташкил дод.





РАҚАМИКУНОНӢ ВА РУШДИ ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2025 рушди хизматрасониҳои рақамӣ ва густариши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ маҳсуб меёбад.

Дар доираи сиёсати рақамикунонӣ шумораи кортҳои пардохтӣ, ҳамёнҳои электронӣ, QR-рамзҳо, банкоматҳо ва дигар инфрасохтори пардохтӣ афзоиш ёфтанд. Ин раванд барои беҳтар гардидани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва коҳиш додани гардиши пули нақд мусоидат намуд.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зарурӣ ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ 29,4 фоизро ташкил дод. Бо вуҷуди ноил гардидан ба ин дастовард, барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда дар самти рақамикунонӣ ҳанӯз иқдомҳои иловагӣ заруранд.

Дар ҷаласа таъкид гардид, ки ташкилотҳои қарзӣ бояд истифодаи замимабарномаҳои мобилӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ ва низомҳои муосири пардохтиро васеъ намоянд. Ҳамчунин, ҷорӣ намудани QR-рамзҳои динамикӣ ва навсозии низоми байнибонкии интиқоли маблағҳо аз вазифаҳои муҳим барои соли 2026 муайян карда шуд.



> ... натиҷаҳои соли 2025 нишон медиҳанд, ки низоми бонкию молиявии кишвар дорои пояи устувор мебошад, аммо талаботи марҳилаи нав тақозо менамояд, ки низоми бонкӣ аз марҳилаи нигоҳдории субот ба марҳилаи рушди фаъол ва ҳадафманд гузарад.

АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ НАЗОРАТ

Дар баробари рушди хизматрасониҳои рақамӣ масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва ҳифз аз ҳамлаҳои киберӣ аҳаммияти бештар пайдо намуданд.

Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва намояндагони ташкилотҳои қарзӣ зимни ҷаласа ба масъалаҳои пешгирии ҳолатҳои қаллобӣ, тақвияти низоми назорати дохилӣ ва гузаронидани аудити ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотӣ диққати махсус зоҳир намуданд.

Таъкид гардид, ки дар шароити рақамикунонии босуръати хизматрасониҳои молиявӣ ташкилотҳои қарзӣ бояд сатҳи омодагии худро ба хавфҳои киберӣ баланд бардоранд ва ҳифзи маълумоти муштариёнро таъмин намоянд.

ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА ВАЗИФАҲОИ НАВ

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода зимни суханронӣ фаъолияти низоми бонкиро дар соли 2025 дар маҷмуъ мусбат арзёбӣ намуда, таъкид кард, ки низоми молиявӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ташаккули бахши хусусӣ ва дастгирии соҳибкорӣ нақши муҳим дорад.

Ба гуфтаи ӯ, натиҷаҳои соли 2025 нишон медиҳанд, ки низоми бонкию молиявии кишвар дорои пояи устувор мебошад, аммо талаботи марҳилаи нав тақозо менамояд, ки низоми бонкӣ аз марҳилаи нигоҳдории субот ба марҳилаи рушди фаъол ва ҳадафманд гузарад.

Дар ин замина, ба Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ як қатор вазифаҳои муҳим гузошта шуданд. Аз ҷумла, нигоҳдории сатҳи пасти таваррум, коҳиши долларизатсия ва таҳкими нақши сомонӣ, тақвияти назорати бонкӣ ва идоракунии хавфҳо, гузариш

ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботдиҳӣ, густариши хизматрасониҳои рақамӣ, афзоиши қарздиҳӣ ба бахшҳои истеҳсолӣ, рушди бозори ипотека, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва амсоли инҳо аз зумраи вазифаҳо барои низоми бонкӣ дар соли 2026 муҳим арзёбӣ гардиданд.

ҶАМЪБАСТ

Дар фароварди ҷаласа фаъолияти низоми бонкии Тоҷикистон дар соли 2025 натиҷагирӣ карда шуда, таъкид гардид, ки сарфи назар аз таъсири омилҳои беруна ва вазъи ноустувори иқтисоди ҷаҳонӣ, низоми бонкии кишвар тавонист суботи молиявӣ ва фаъолияти устувори худро нигоҳ дорад.

Паст будани сатҳи таваррум, устувории қурби миллӣ, коҳиши қарзҳои ғайрифаъол ва рушди хизматрасониҳои рақамӣ аз дастовардҳои муҳимми низоми бонкӣ дар соли ҳисоботӣ арзёбӣ карда шуд.

Дар баробари ин, масъалаҳои густариши маблағгузории бахшҳои истеҳсолӣ, коҳиши вобастагӣ аз пули нақд,

Паст будани сатҳи таваррум, устувории қурби миллӣ, коҳиши қарзҳои ғайрифаъол ва рушди хизматрасониҳои рақамӣ аз дастовардҳои муҳимми низоми бонкӣ дар соли ҳисоботӣ арзёбӣ карда шуд.

таҳкими амнияти киберӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои молиявӣ ҳанӯз ҳамчун вазифаҳои муҳимми стратегӣ таъкид карда шуд.

Бо дарназардошти вазифаҳои муайяншуда, соли 2026 барои низоми бонкии Тоҷикистон марҳилаи гузариш аз суботи молиявӣ ба рушди фаъол ва рақобатпазири иқтисодӣ ояндабинӣ гардид.

Ҳамзамон, дар баробари ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025, барои идома додани таъмини суботи молиявӣ ва рушди низом, ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазифадор карда шуданд, ки барои таъмин намудани фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, мустаҳкам намудани заминаи сармоявӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо, ба роҳ мондани назорати қатъии амалиётҳои асъорӣ, гузаронидани аудити ҳамаҷонибаи соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, пешгирии амалҳои қаллобӣ, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар чораандешӣ карда, баҳри татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ ва рушди низоми бонкӣ тадбирҳои амалӣ андешанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дар ҷамъбасти ҷаласа аз иштирокдорон даъват ба амал оварда, ки баҳри амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми неруи худро равона сохта, дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ саҳми бориз дошта бошем.

М.Ҳасанова

Низоми суғуртаи Тоҷикистон дар соли 2025: натиҷаҳо ва дурнамои рушд



Соли 2025 барои низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи муҳимми таҳким ва рушди минбаъда ба ҳисоб рафта, дар ин давра як қатор тадбирҳои муассири ислоҳотӣ, такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ амалӣ гардиданд. Натиҷаҳои ҷамъбастшуда нишон медиҳанд, ки соҳа дар шароити мураккаби иқтисодиву сиёсии ҷаҳонӣ тавонист тамоюли мусбати рушдро нигоҳ дошта, барои баланд бардоштани сатҳи шаффофият, густариши хизматрасониҳои муосир ва мутобиқсозӣ ба стандартҳои байналмилалӣ заминаҳои устувор фароҳам оварад.

Ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025, дастовардҳо ва нигоҳ доштани тамоюли рушди устувор бо муайян намудани вазифаҳои минбаъдаи низоми суғурта дар ҷаласаи корӣ, ки таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо иштироки роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ санаи 8 январи соли 2026 баргузор гардид, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд.

Зимни ҷаласа муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ таъкид аз он кард, ки сарфи назар аз таъсири омилҳои берунии иқтисодиву геосиёсӣ ва афзоиши номуайяниҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии мамлакат устувории худро нигоҳ дошта, барои рушди минбаъдаи бозори суғурта заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти танзимгарӣ ва назоратии Бонки миллии Тоҷикистон ба такмили муҳимми ҳуқуқӣ ва институтсионалии соҳа, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва мутобиқ намудани механизмҳои бозор ба талаботи муосири иқтисодиёт равона гардид. Дар ин замина, бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ислоҳоти минбаъдаи низоми суғурта ва густари-

> ... сарфи назар аз таъсири омилҳои берунии иқтисодиву геосиёсӣ ва афзоиши номуайяниҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии мамлакат устувории худро нигоҳ дошта, барои рушди минбаъдаи бозори суғурта заминаи мусоид фароҳам оварданд.





ши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки анҷом додани амалиётҳои суғуртавиро ба тариқи ғайринақдӣ пешбинӣ менамояд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сирочиддин Икромӣ ҳамзамон қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ заминаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти суғуртавӣ боз ҳам такмил ёфта, як қатор санадҳои танзимкунанда, аз қабили “Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ”, “Тартиби таҳия ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳои молиявӣ”, “Феҳристи ҳисобҳои тавозунӣ барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва Тавсифи ҳисобҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” ва “Номгӯйи маълумоти тавсиявӣ барои нишон додан дар полиси суғуртавӣ” таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки татбиқи онҳо ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои суғуртавӣ, раванди муосири баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии соҳаро таъмин менамояд. Татбиқи ин санадҳо инфрасохтори асосии низоми суғуртаи кишварро ташаккул дода, минбаъд барои аз байн бурдани номуайяниҳои амалиётҳои суғуртавӣ ва тақвияти эътимод ба баҳисобгирии молиявию хоҷагидории ташкилотҳои суғуртавии дар қаламрави ҷумҳурӣ фаъолияткунанда мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии такмилшуда



барои гузариши пурра ба раванди рақамии идораи молияи давлатӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар ҳама субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликият, ки дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа шудааст, мусоидат менамоянд.

Бо мақсади рушди устувори соҳа ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки он, ҷиҳати таҳкими низоми молиявӣ ва рушди соҳаҳои стратегӣ лоиҳаи “Стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030” таҳия гардид, ки дурнамои миёнамуҳлати рушди низоми суғуртаи мамлакатро муайян менамояд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми низоми суғурта дар соли ҳисоботӣ рақамикунонии фаъолияти суғуртавӣ арзёбӣ гардид, ки ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад. Бо ин мақсад

> Яке аз дастовардҳои муҳимми низоми суғурта дар соли ҳисоботӣ рақамикунонии фаъолияти суғуртавӣ арзёбӣ гардид, ки ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

“Низоми ягонаи суғуртаи электронӣ” таҳия гардид, ки айни замон дар марҳилаи ниҳоии татбиқ қарор дорад. Дар марҳилаи аввал ба ин низом “Махзани маълумоти суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт“ пайваст карда шуда, минбаъд давра ба давра ҳама намудҳои суғурта ба он фаро гирифта хоҳанд шуд.

Дар идомаи ҷаласа натиҷаҳои фаъолияти низоми суғуртаи ҷумҳурӣ дар соли 2025 ва тамоюлҳои рушди минбаъдаи соҳа мавриди баррасии муфассал қарор гирифтанд. Сардори идораи назорати суғуртавӣ Бобурхон Бобоев зимни пешниҳоди рӯнамо ба вазъи соҳа, аз ҷумла фарогирии низоми суғуртаи кишвар, нишондиҳандаҳои асосии соҳа, риояи талаботи қонунгузорӣ ва меъёрҳои мақбули мақоми назорати суғуртавӣ, мониторинги ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар низоми суғурта ва дурнамои рушд таваҷҷуҳи ҳозиринро ҷалб намуд.

Зимни муҳокимаи масъалаҳо намояндагони ташкилотҳои суғуртавӣ вобаста ба рафъи камбудиҳои ҷойдошта ва ҳадафҳои гузошташуда ҳисобот дода, вазифадор карда шуданд, ки ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, гузариш ба низоми рақамӣ, тибқи талаботи қонун баррасӣ намудани мурочиати суғурташавандагон, таъмини принсипи шаффофият, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосир, таъсиси филиалу намояндагиҳо, вусъат додани корҳои таблиғотию ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ ва ба таври ғайринақдӣ анҷом додани ҳама гуна амалиёти суғуртавӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

> ... татбиқи босамари ислоҳоти соҳавӣ ва иҷрои пайгиронаи вазифаҳои муайяншуда барои таҳкими устувории низоми суғурта ва баланд бардоштани нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Дар фарҷоми ҷаласа муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ таъкид намуд, ки татбиқи босамари ислоҳоти соҳавӣ ва иҷрои пайгиронаи вазифаҳои муайяншуда барои таҳкими устувории низоми суғурта ва баланд бардоштани нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Зикр гардид, ки фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ бояд ба тақвияти эътимоди аҳолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии бозор ва ташаккули низоми муосиру самараноки суғурта равона карда шавад.

Баҳри расидан ба ҳадафҳои муайяннамудаи Ҳукумати кишвар, амалӣ намудани нақшаю вазифаҳои гузошташуда ва табдил додани низоми суғурта ба яке аз бахшҳои муҳим ва тараққикардаи низоми молиявии кишвар аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ бояд тадбирҳои зарурӣ ва муассир роҳандозӣ шаванд, - ҷамъбаст намуд Сироҷиддин Икромӣ.

БТҶ

Тақвияти донишу малакаҳои комплаенс дар самти тиҷорати байналмилалӣ



Дар шароити муосири рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва мураккаб гардидани муҳити геосиёсӣ, масъалаи мутобиқати фаъолияти муассисаҳои молиявӣ ба талаботи байналмилалӣ аҳаммияти бештар касб менамояд. Бо назардошти ин омил, рӯзҳои 29–30 январи соли 2026 дар Бонки миллии Тоҷикистон машғулиятҳои омӯзишӣ дар мавзуи “Баланд бардоштани савияи дониши кормандони комплаенс дар самти тиҷорати байналмилалӣ” баргузор шуд.

Чорабинӣ дар ҳошияи ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд бо ҷалби коршиносони ширкати байналмилалии “ARGOS” роҳандозӣ шуда, ба таҳкими иқтидори касбии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ равона шуд. Дар маркази таваҷҷуҳи машғулиятҳо масъалаҳои риояи талаботи байналмилалӣ ва идоракунии хавфҳо, татбиқи низоми самараноки комплаенс ва тақвияти механизмҳои назорати дохилӣ қарор доштанд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ машғулияти омӯзиширо ифтитоҳ намуда, нақши воҳидҳои комплаенс дар таъмини устуворӣ ва эътимоднокии низоми молиявиро дар шароити тағйирёбии босуръати муҳити иқтисодиву молиявии ҷаҳонӣ ва афзоиши хавфҳои фаромарзӣ боз ҳам муҳимтар хонд. Ба гуфтаи ӯ, риояи қатъии талаботи байналмилалӣ ва такмили доимии донишҳои касбии кормандони соҳа аз шартҳои асосии рушди устувори низоми бонкӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад.

Дар идомаи маросими ифтитоҳи семинар роҳбари Дафтари Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд дар Тоҷикистон, ҷаноби Холгер Вифел, натиҷаҳои ҳамкории судманди ин ниҳодро бо Бонки миллии Тоҷикистон мусбат арзёбӣ намуд. Ӯ таъкид кард, ки ҳамкориҳои ҷонибҳо дар самти таҳкими иқтидори институтсионалии бахши молиявӣ ва рушди захираҳои инсонӣ барои татбиқи ислоҳоти муосири низоми молиявӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Зимнан, омодагии Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд ҷиҳати идомаи ҳамкориҳо дар самтҳои баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ, инчунин дастгирии ташаббусҳои ба рушди

устувори бахши молиявии кишвар нигаронидашуда таъкид гардид.

Роҳбари Дафтари Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд дар Тоҷикистон ҷаноби Холгер Вифел, ки дар маросими ифтитоҳӣ иштирок дошт, ҳамкории мутақобиларо бо Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои охир судманд арзёбӣ намуда, омодагии худро ҷиҳати таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо дар самти рушди иқтидори кадрии кормандони низоми бонкӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ, инчунин татбиқи ташаббусҳое, ки ба рушди низоми молиявии кишвар равона шудаанд, иброз намуд.

Дар доираи барномаи омӯзишӣ коршиносони ширкати байналмилалии ARGOS барои намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ силсилаи машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ баргузор намуданд. Мавзуъҳои асосии омӯзиш масъалаҳои марбут ба тиҷорати байналмилалӣ, идоракунии хавфҳо, татбиқи стандартҳои пешқадами комплаенс ва риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалиро дар бар гирифтанд.

Ба иштирокдорон тағрибаи муосири байналмилалӣ оид ба арзёбӣ ва идоракунии хавфҳои амалиётҳои фаромарзӣ, механизмҳои назорати мутобиқат ва усулҳои коҳиш додани хавфҳои вобаста ба фаъолияти тиҷорати байналмилалӣ пешниҳод карда шуд.

Маврид ба зикр аст, ки машғулиятҳои баргузоршуда ҳамчун платформаи касбӣ барои табодули тағриба ва баррасии масъалаҳои мубрами соҳа хизмат намуда, барои такмили донишҳои тахассусӣ ва рушди малакаҳои амалии иштирокдорон шароити мусоид фароҳам оварданд. Дар доираи машғулиятҳо иштирокдорон имконият пайдо карданд, ки сатҳи омодагии касбии худро дар самти комплаенс ва тиҷорати байналмилалӣ тақвият бахшида, бо тағриба ва равишҳои пешқадами байналмилалӣ шинос шаванд.





Firdavs Tolibzoda

Chairman National Bank of Tajikistan

Interview with the Chairman of the National Bank of Tajikistan Firdavs Tolibzoda Published on the GRIPS Website.

The Institute has decided to publish interview with its successful graduates (alumnus) about their professional activities. This time, the Institute has dedicated its interview to a graduate of this prestigious institution, the Chairman of the National Bank of Tajikistan Firdavs Tolibzoda Nazrimad.

GRIPS is a graduate school in Tokyo that offers MA&PhD programs taught in English on public policy, development, economics, political science, international relations, and operational research, etc.

Transition Economy Program ('10)

I began my professional career at the National Bank of Tajikistan (NBT) in 2003, soon after completing my higher education in Banking and Finance at the Eastern Mediterranean University of North Cyprus. My career path has been shaped by interest in economics and by the wish to contribute to the development of my country's financial system.

Over the years, I had the chance to work in several key areas of the NBT, including banking supervision, where I gained valuable experience in both off-site and on-site supervision, as well as licensing. These roles helped me build a deep understanding of how our financial system operates and how important strong regulatory institutions are for economic stability. My academic experience in Japan, where I completed a Master's program in Public Policy at GRIPS in 2009-2010, further strengthened my perspective on public administration and modern central banking practices.

This combination of practical experience and academic growth led to my appointment as Deputy Chairman, later as First Deputy Chairman and finally as Chairman in 2024. Today, as Chairman, I try to approach my responsibilities with the same principles that guided me from the beginning - professionalism, openness to learning and respect for the institution I work. I feel fortunate to engage with dedicated colleagues and to contribute, in my own way, to the continued development of Tajikistan's financial sector.

You are now Chairman of the National Bank of Tajikistan. Can you describe your key responsibilities in this role and what your main priorities are?

As Chairman of the National Bank of Tajikistan, I follow the strategic guidance of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, the President of Tajikistan, Mr. Emomali Rahmon. The priorities set out in the National Development Strategy of Tajikistan until 2030 complement this vision and help shape the NBT's long-term direction.



Tajikistan is at a moment of real opportunity. The goals outlined in our National Development Strategy of Tajikistan until 2030 and Medium-Term Development Program for 2021-2025 - from strengthening human capital to expanding digital services and industry give the country a clear direction for the years ahead.

My foremost responsibility is to guide the country's monetary policy and ensure price stability, as this forms the foundation for sustainable economic development. Alongside this, we focus on strengthening the reliability and resilience of the banking system, expanding financial inclusion and developing the human and institutional capacity needed to support a modern financial sector. Building the skills of our specialists is particularly important, because long-term stability depends on knowledgeable and dedicated professionals.

Looking ahead, I believe that the potential of Tajikistan's financial sector is very high. My focus, as Chairman of the National Bank, is to ensure that the National Bank continues to advance a stable, modern, digital and inclusive financial system that supports the country's long-term growth.

In your current capacity, what do you see as the main opportunities and challenges facing Tajikistan over the next five to ten years?

Tajikistan is at a moment of real opportunity. The goals outlined in our National Development Strategy of Tajikistan until 2030 and Medium-Term Development Program for 2021-2025 - from strengthening human capital to expanding digital services and industry give the country a clear direction for the years ahead. What gives me confidence is the resilience and ambition of our people, who continue to move the country forward even in times of uncertainty.

One of the areas with the greatest long-term potential is energy. With such rich hydropower resources, Tajikistan can strengthen its own energy security and contribute to the region as a producer of clean, renewable electricity. This, together with ongoing digitalization and growing regional cooperation, opens new space for investment, innovation and private-sector growth.

Of course, there are challenges as well - global instability, climate risks and the constant need to modernize infrastructure. For the financial sector, this means staying focused on low inflation, stability

I believe Tajikistan can build an even more competitive and resilient economy in the years ahead. The financial sector will continue to play a major role in this transformation and contribute to long-term prosperity.

and ensuring that every citizen - including women, youth and people in remote areas can access modern financial services. But with steady reforms and a clear sense of direction, I believe Tajikistan can build an even more competitive and resilient economy in the years ahead. The financial sector will continue to play a major role in this transformation and contribute to long-term prosperity.

Q What are some of the biggest professional challenges you've faced in your career? Have there been specific initiatives or milestones that you found especially meaningful or rewarding?

A In recent years, one of the most difficult challenges has been navigating the financial sector through periods of heightened uncertainty - from the challenges posed by COVID-19 pandemic to the global economic uncertainty today. These situations had no ready-made policy models and decisions often had to be taken quickly, with limited information and evolving risks. Managing stability under such conditions required careful judgement, strong coordination and institutional resilience.



Despite these challenges, we were able to strengthen the financial system in important ways - inflation remained under control, asset quality improved and confidence in the sector increased. The reduction of non-performing loans to single-digit levels and the improvement in Tajikistan's sovereign credit ratings reflected this progress. I also value our advances in financial inclusion and digital transformation - areas where we've expanded access to services, increased digital payments and improved consumer protection.

What I find most meaningful is seeing how consistent reforms and collective effort translate into real results for people and businesses. Even in times of uncertainty, the sector has become more stable, modern and accessible. These outcomes reaffirm the importance of long-term vision and strong institutions - lessons that continue to guide my work today.

Q What motivated you to pursue your Master's degree at GRIPS, and how has your education contributed to your work today?

A My decision to study at GRIPS came from a genuine desire to deepen my understanding of public policy and economic management. At that stage of my career, I felt it was important to step back from daily responsibilities, broaden my perspective and learn in an environment that brought together experienced practitioners and academics from around the world.

My studies in public finance, monetary policy and the interaction between institutions helped me see policy questions from different angles and strengthened my analytical approach.

What stayed with me most was the culture of curiosity and open discussion at GRIPS - it encouraged me to question, compare and think beyond routine solutions.

The knowledge and mindset I gained have been invaluable in my work at the National Bank of Tajikistan. They strengthened my ability to make well-grounded policy decisions, helped me develop a more global perspective and reinforced a habit of continuous learning that remains essential in the fast-changing world of finance.

Q Since graduating from GRIPS, have you maintained connections with Japan?

A Of course, I have maintained strong connections with Japan. Cooperation between Japan and Tajikistan spans many areas - from capacity building and technical assistance to financial sector development. Japanese capital has also entered the banking sector of Tajikistan, reflecting growing confidence in our reforms and the long-term potential of the financial system.



The JDS and JISPA programs have played a particularly meaningful role in strengthening our human capital. Many colleagues who studied in Japan now hold key positions within the National Bank and I have always encouraged our staff to participate in these opportunities.

We continue to work closely with JICA and benefit from several important projects, including those focused on institutional development, financial literacy and regional initiatives. The JDS and JISPA programs have played a particularly meaningful role in strengthening our human capital. Many colleagues who studied in Japan now hold key positions within the National Bank and I have always encouraged our staff to participate in these opportunities.

These partnerships have helped deepen our professional ties, expand expertise and introduce modern approaches to policy and financial sector management. Japan remains a valued and reliable partner for Tajikistan, and I am pleased that our cooperation continues to grow across multiple dimensions.

Q How do you balance your professional responsibilities with your personal life, and what do you enjoy doing outside of work?

A I try to maintain balance by staying organized and making time for the things that matter most. No matter how busy the schedule becomes, it is important for me to spend time with my family because their support gives me stability and energy.

Outside of work, I enjoy reading and learning new things, even in small moments throughout the day. Continuous learning has always been a guiding principle for me. I also try to stay active, I enjoy sports and spending time outdoors, which helps me recharge and keep a clear mind.

These simple routines allow me to stay grounded and return to my work with renewed focus.

Q What are your fondest memories of your time at GRIPS and in Japan?

A I have very warm memories of my time at GRIPS and in Japan. The place where we lived - a quiet and scenic area near the waterfront, likely Odaiba created a calm and inspiring environment for study and reflection. I still remember the peaceful mornings by the sea and the feeling of balance that the surroundings offered.

Japan itself left a deep impression on me through its culture, respectfulness and attention to detail. I appreciated the organized study trips to different cities, the chance to experience traditional tea ceremonies and the way history and modernity coexist so naturally. These



experiences helped me better understand the country beyond academic life.

The studies were demanding, and there were many late nights spent preparing assignments. But this intensity made the experience meaningful and helped me grow both personally and professionally.

Q If you could give one piece of advice to future GRIPS students, what would it be?

A If I could offer one piece of advice, it would be to stay committed to learning. In life, many things can become a burden - possessions, responsibilities, even success, but knowledge is never a burden. It always expands your possibilities and supports you in any circumstance.

Use your time at GRIPS to learn as much as you can, from both professors and fellow students. Be curious, ask questions and take the opportunity to broaden your perspective. The more you invest in your



education, the more it will guide you in your future work and personal growth.

And above all, remember the simplest but most important principle - learn, learn, and learn.

Q How would you like to stay involved with GRIPS going forward?

A I would be pleased to remain engaged with GRIPS through dialogue, academic exchanges and professional cooperation. Although my schedule is often very demanding, I make an effort to stay informed about GRIPS activities and the opportunities offered through the alumni network. Even when I cannot participate directly, I follow the updates closely because I am genuinely interested in the continued development of this community.

I am also glad that this year another specialist from the National Bank of Tajikistan has been accepted into the program. Seeing more of our young professional's benefit from GRIPS motivates me to support further cooperation. Tajikistan has a growing need for well-trained economists, analysts and policymakers and GRIPS can play an important role in building this capacity. Looking ahead, I would welcome opportunities to see more Tajik specialists join GRIPS programs and to strengthen collaboration through joint workshops, research initiatives and knowledge-sharing. I believe the GRIPS community has great potential to contribute to the development of our region and I hope to stay actively connected to it.

Ultimately, I view the alumni network not merely as a social connection, but as a powerful platform for global impact--and I would be honoured to support that vision.

https://www.grips.ac.jp/en/alumni/almo/pastalmo/almos2025/25-12/

Rating and Economic Performance



The Republic of Tajikistan has consistently strengthened its position within the international financial system over recent years. It has also expanded mutually beneficial cooperation with leading financial institutions. These developments reflect sustained economic progress and growing international confidence in Tajikistan's monetary policies.

Improved assessments from major international rating agencies, together with broader cooperation with sectoral international organizations, demonstrate macroeconomic stability, sustainable national economic growth, and increased trust among foreign partners.

The following highlights the most significant developments in reinforcing the international standing of the Republic of Tajikistan and advancing the integration of its financial and insurance systems.

S&P Global
Ratings

"S&P Global Ratings upgrades Tajikistan's Sovereign Credit Rating Outlook to Positive"

On February 13, 2026, the S&P Global Ratings affirmed the long-term sovereign credit rating of the Republic of Tajikistan at "B/B" and revised the outlook from "stable" to "positive." The upward revision in the outlook reflects several interrelated factors, including the strengthening of external financial buffers, sustained economic growth, and enhanced engagement with international partners.

The accumulation of international reserves has enabled the country to meet its external debt servicing obligations in a timely manner, thereby mitigating potential pressures on the balance of payments. Furthermore, the continued inflow of concessional financing from development

partners has provided additional support to the country's external and fiscal positions.

Overall, the revision of the outlook to "positive" signifies increased recognition of Tajikistan's progress in implementing prudent macroeconomic policies, maintaining fiscal discipline, and reinforcing the resilience and stability of its national economy.

MOODY'S RATINGS

Sovereign Credit Rating Upgrade of the Republic of Tajikistan

On March 5, 2026, Moody's Corporation upgraded the long-term sovereign credit rating of the Republic of Tajikistan to "B2" with a stable outlook.

This marks the first upgrade of the country's sovereign rating to B2 since the beginning of cooperation with the agency in 2014 and reflects the results of consistently implemented balanced macroeconomic policies and structural reforms.

According to the agency's assessment, the upgrade from B3 to B2 is primarily driven by sustained economic growth in recent years, improvements in fiscal management, and continued positive macroeconomic trends.

The assignment of a stable outlook indicates expectations that prudent fiscal and budgetary policies will continue, alongside the preservation of macroeconomic stability over the medium term.

The agency also highlighted progress in structural reforms, reduced risks related to public debt, and improvements in public financial management.

Overall, the upgrade of the sovereign credit rating signifies increased confident among international partners and financial markets in the Republic of Tajikistan's macroeconomic policy framework and financial stability. It's expected to support enhanced access to external financing, lower borrowing costs, and strengthen the country's position in international financial markets.

Cape Town Declaration on INCLUSIVE SURANCE

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

a2ii access to insurance initiative convened by CGAP

National Bank of Tajikistan accedes to the Cape Town Declaration

The National Bank of Tajikistan, in its capacity as the insurance supervisory authority of the Republic of Tajikistan, has formally joined the Cape Town Declaration on Inclusive Insurance, thereby, acceding to the Access to Insurance Initiative (AII).

It's key stakeholders include central banks, insurance supervisory authorities, ministries of finance, international institutions, development partners, research centers, and partner networks, including the Alliance for Financial Inclusion (AFI).

The Access to Insurance Initiative,

established in 2009 as an international initiative with the support of the International Association of Insurance Supervisors (IAIS), the German Agency for International Cooperation (GIZ), the German Federal Ministry for Economic Cooperation and Development (BMZ), and other development partners has played a key role in advancing industry knowledge, facilitating the exchange of experiences among insurance experts and strengthening dialogue between regulators and other relevant stakeholders.

The initiative's primary goal is to expand insurance coverage and enhance access to insurance services worldwide. In this regard, it is implementing several priority activities, including support for the implementation of the Cape Town Declaration on Inclusive Insurance, development of innovative approaches to inclusive insurance, and the establishment of platforms for exchange of experiences among regulators.



The key areas of action under the Cape Town Declaration include the regulation of microinsurance, digitalization of insurance services, the insurance for natural disasters, gender equality, advancement of financial inclusion and strengthening the professional capacity of insurance regulators.

Notably, the Declaration sets out five high-level objectives that are aligned with the strategic priorities for the development of insurance supervision in the Republic of Tajikistan.

Participants in this initiative will enable the national insurance system to gain access to the international experience, improve sectoral legislation, and foster the development of innovative approaches to the comprehensive regulation and supervision of the insurance sector.

Prepared by
M. Umadulloeva



Муродализода Далер Усмон,
Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон

АМНИЯТИ МОЛИЯВӢ ВА МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ:
НАҚШИ ҲАМКОРИИ БАЙНИИДОРАВӢ ДАР МУҚОВИМАТ БА ТАҲДИДҲОИ МУОСИР

Ҳамкории мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳншавии силоҳи қатли ом

Дар даҳсолаҳои охир ҷомеаи ҷаҳонӣ бо таҳдидҳое рӯ ба рӯ гардидааст, ки хусусияти фаромиллӣ дошта, ба амният, суботи сиёсӣ ва рушди устувори давлатҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии воситаҳои молиявӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ва маблағгузории шабакаҳои ҷиноятӣ аз ҷумлаи чунин таҳдидҳо мебошанд. Таҷрибаи байналмилалӣ собит намудааст, ки фаъолияти созмонҳои террористӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятӣ пеш аз ҳама ба манбаъҳои молиявӣ такя мекунад. Аз ин рӯ, маҳдуд намудани дастрасии онҳо ба захираҳои молиявӣ яке аз роҳҳои муассиртарини муқовимат ба ин зуҳуроти хатарнок ба ҳисоб меравад.

Имрӯз мубориза бо маблағгузории терроризм дигар танҳо масъалаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Ин раванд ба бахши муҳимми сиёсати иқтисодӣ, молиявӣ ва амниятии давлатҳо табдил ёфтааст. Бинобар ин, аксари кишварҳои ҷаҳон дар баробари таҳкими иқтидори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ба такмили низоми мониторинги молиявӣ, баланд бардоштани шаффофияти амалиёти молиявӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд.

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва густариши хизматрасониҳои молиявии электронӣ масъалаи муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи

ҷиноят бадастомада аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо кардааст. Имрӯз интиқоли маблағ метавонад дар муддати кӯтоҳ тавассути низомҳои электронии пардохт, платформаҳои рақамӣ ва воситаҳои нави молиявӣ амалӣ гардад. Дар баробари афзалиятҳои иқтисодӣ, чунин имкониятҳо метавонанд аз ҷониби унсурҳои ҷиноятқор барои пинҳон намудани манбаи маблағҳо, интиқоли дороиҳо ва маблағгузории фаъолияти ғайриқонунӣ истифода шаванд. Хусусан, истифодаи дороиҳои виртуалӣ ва технологияҳои нав мақомоти танзимкунанда ва назоратиро водор месозад, ки механизмҳои муосири идоракунии хавфҳоро пайваста такмил диҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ ва мубориза бо терроризм, экстремизм ва ҷиноятқории муташаккилро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намудааст. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки муқовимати самаранок ба ин таҳдидҳо танҳо дар шароити ҳамоҳангии фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ, истифодаи имкониятҳои институтсионалӣ ва рушди ҳамкории байналмилалӣ имконпазир мебошад.

Бо ташаббус ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм ташаккул ёфтаанд. Қабули санадҳои стратегии миллӣ, такмили пайвастаи қонунгузорӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ба рушди низоми миллии муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм мусоидат намуд.

Имрӯз низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО маҷмуи ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назоратӣ ва ташкилотҳои молиявиро дар бар мегирад. Самаранокии фаъолияти ин низом пеш аз ҳама ба сатҳи ҳамкории байниидоравӣ, мубодилаи фаврии иттилоот ва ҳамоҳангсозии амалҳо вобаста мебошад. Маҳз чунин ҳамоҳангӣ

Бо ташаббус ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм ташаккул ёфтаанд. Қабули санадҳои стратегии миллӣ, такмили пайвастаи қонунгузорӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ба рушди низоми миллии муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм мусоидат намуд.

имкон медиҳад, ки хавфҳои эҳтимолӣ сари вақт муайян гардида, роҳҳои истифодаи низоми молиявӣ барои мақсадҳои ғайриқонунӣ маҳдуд карда шаванд.

Дар ин раванд Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки марказии кишвар ва танзимгари асосии бахши молиявӣ нақши калидӣ дорад. Таъмини устуворӣ ва шаффофияти низоми молиявӣ, таҳкими низоми назоратӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои муосири идоракунии хавфҳо ва мутобиқсозии фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ ба стандартҳои байналмилалӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳимми фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои минтақавӣ ва шарикони рушд барои такмили иқтидори институтсионалӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисон ва татбиқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Бинобар ин, Тоҷикистон имрӯз иштирокчии фаъоли равандҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм мебошад. Ин ҳамкорӣ на танҳо ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, балки ба таҳкими амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ низ мусоидат менамояд.

Дар шароити муосир, ки таҳдидҳои молиявӣ рӯз аз рӯз мураккабтар мегарданд, таҳкими ҳамкории мақомоти давлатӣ, истифодаи технологияҳои пешрафтаи таҳлилӣ ва рушди фарҳанги риояи талаботи қонунгузорӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини амнияти иқтисодӣ ва молиявии кишвар аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати пайгиронаи худро дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳншавии силоҳи қатли ом идома дода, барои таҳкими суботи иқтисодӣ ва рушди устувори ҷомеа тамоми имкониятҳои мавҷударо сафарбар хоҳад намуд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳншавии силоҳи қатли ом нақши калидӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон ва ниҳоди махсуси он - департаменти мониторинги молиявӣ вогузор шудааст. Ин ниҳод ҳамчун воҳиди миллии иттилооти молиявӣ фаъолияти худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалии соҳавӣ ба роҳ монда, яке аз унсури муҳимми низоми таъмини амнияти молиявии кишвар ба ҳисоб меравад.

Департаменти мониторинги молиявӣ ҳамчун маркази ягонаи қабул, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилооти молиявӣ оид ба амалиёт ва аҳдҳои шубҳанок фаъолият менамояд. Ба ин ниҳод маълумот аз доираи васеи субъектҳои ҳисоботдиҳанда ворид гардида, бо истифода аз усулҳои таҳлили молиявӣ ва баҳодиҳии хавфҳо мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил маълумоти дахлдор тибқи тартиби муқарраргардида ба мақомоти ваколатдори ҳифзи ҳуқуқ ва ди-

гар сохторҳои давлатӣ ирсол карда мешавад. Чунин низоми ҳамкорӣ имконият медиҳад, ки ҳолатҳои эҳтимолии қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ, маблағгузории терроризм, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти молиявӣ сари вақт ошкор ва пешгирӣ карда шаванд.

Дар баробари фаъолияти таҳлилӣ, департаменти мониторинги молиявӣ вазифаҳои муҳимми танзимгарӣ ва назоратиро низ иҷро менамояд. Мутобиқи талаботи қонунгузорӣ, департаменти мониторинги риояи талаботи соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО-ро аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок ва дигар субъектҳои ҳисоботдиҳанда амалӣ менамояд. Ҳадафи асосии ин фаъолият ташаккули муҳити шаффоф, баланд бардоштани сатҳи интизоми молиявӣ ва коҳиш додани хавфи истифодаи низоми молиявӣ барои мақсадҳои ғайриқонунӣ мебошад.

Дар солҳои охир бо роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии

«Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм (ГАО) пайваста барои мутобиқ намудани низоми миллӣ ба талаботи байналмилалӣ тадбирҳои мушаххас меандешад. Дар ин замина меъёрҳои асосии 40 Тавсияи ФАТФ ба қонунгузории миллӣ ворид гардида, принсипҳои ба хавф нигаронидашуда дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои молиявӣ татбиқ карда шуданд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар самти такмили низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО як қатор ислоҳоти муҳим амалӣ гардиданд. Пеш аз ҳама, заминаҳои ҳуқуқии соҳа мутобиқ ба талаботи муосири байналмилалӣ такмил дода шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабул ва механизмҳои амалии татбиқи онҳо таҳия гардиданд. Ҳамзамон иқтидори касбии кормандони мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва субъектҳои ҳисоботдиҳанда тақвият ёфта, сатҳи огоҳӣ ва масъулияти иштирокдорони низом нисбат ба масъалаҳои муқовимат ба ҷиноятҳои молиявӣ ба маротиб баланд гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз сиёсати пайгиронаро дар самти муқовимат ба таҳдидҳои фаромиллӣ амалӣ менамояд. Қабули Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар барои солҳои 2021-2030 ва Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳншавии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018–2025 аз ҷумлаи иқдомҳои муҳимме мебошанд, ки сиёсати давлатро дар ин

самт муайян намудаанд. Татбиқи пайгиронаи ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ ба таҳкими заминаҳои институтсионалӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми миллӣ мусоидат намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм (ГАО) пайваста барои мутобиқ намудани низоми миллӣ ба талаботи байналмилалӣ тадбирҳои мушаххас меандешад. Дар ин замина меъёрҳои асосии 40 Тавсияи ФАТФ ба қонунгузории миллӣ ворид гардида, принсипҳои ба хавф нигаронидашуда дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои молиявӣ татбиқ карда шуданд.

Яке аз марҳилаҳои муҳимми рушди низоми миллӣ гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даври дуюми баҳодиҳии мутақобила дар соли 2018 ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои ин баҳогузорӣ имконият фароҳам оварданд, ки сатҳи мутобиқати қонунгузорӣ ва самаранокии амалии низоми МҚД/МТ/МПСҚО ҳамаҷониба арзёбӣ гардида, ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои такмилталаби он муайян карда шаванд. Дар асоси тавсияҳои пешниҳодшуда як қатор чорабиниҳои ислоҳотӣ роҳандозӣ гардида, иқтидори институтсионалӣ ва техникии мақомоти масъул боз ҳам таҳким ёфт.

Бо дарназардошти хусусияти фаромарзии таҳдидҳои муосир, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Бо ҳамин мақсад бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013 Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм таъсис дода шуд. Комиссияи мазкур имрӯз ҳамчун механизми асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ фаъолият намуда, барои таҳияи сиёсати ягона, мувофиқа намудани иқдомҳои муштарак ва татбиқи вазифаҳои стратегии давлат дар ин самт заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки маҳз ҳамкории зичи Бонки миллии Тоҷикистон бо ниҳодҳои қудратӣ, фаъолияти самараноки департаменти мониторинги молиявӣ ва татбиқи пайгиронаи стандартҳои байналмилалӣ имкон додааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми устувори муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризмро ташаккул диҳад. Ин раванд минбаъд низ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ҷиҳати таҳкими амнияти иқтисодӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди устувори кишвар боқӣ хоҳад монд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз дастовардҳои муҳим дар роҳи такмили низоми миллии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм татбиқи равиши ба хавф нигаронидашуда мебошад. Дар ин замина, бо ташаббуси департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои

дахлдор ва ниҳодҳои қудратӣ баҳодиҳии хавфи миллӣ гузаронида шуд, ки ҳадафи он муайян намудани хавфҳо, осебпазирӣ ва таҳдидҳои эҳтимолӣ дар соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО мебошад.

Баҳодиҳии хавфи миллӣ ҳамчун яке аз талаботи асосии Тавсияи 1-и ФАТФ имкон фароҳам овард, ки вазъи воқеии хавфҳои марбут ба қонунигардонии даромадҳои ғиноятӣ ва маблағгузории терроризм дар кишвар ҳамаҷониба таҳлил карда шавад. Ҳисоботи таҳияшуда, ки соли 2017 аз ҷониби Комиссияи байниидоравии муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ғиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм тасдиқ гардид, барои таҳияи сиёсати давлатӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолият ва тақвияти иқтидори институтсионалии мақомоти давлатӣ заминаи боэътимод фароҳам овард.

Натиҷаҳои баҳодиҳӣ нишон доданд, ки барои таъмини самаранокии низоми миллӣ зарур аст механизмҳои ҳамкории байниидоравӣ боз ҳам таҳким ёфта, назорати бахшҳои дорои хавфи баланд такмил дода шавад. Дар асоси хулосаҳои баҳодиҳӣ як қатор тадбирҳои иловагӣ оид ба такмили қонунгузорӣ, рушди иқтидори кадрӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таҳлилӣ ва баланд бардоштани самаранокии мониторинги молиявӣ амалӣ гардиданд.

Бояд гуфт, ки дар баробари таҳкими иқтидори миллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мубориза бо терроризм, экстремизм ва ғиноятқории муташаккили фаромиллӣ танҳо тавассути кӯшишҳои як давлат ғайриимкон буда, он бо роҳи ҳамоҳангсозии фаъолияти кишварҳо ва ниҳодҳои кашшофии онҳо, инчунин созмонҳои байналмилалӣ мавқеи ҳалкунандаро касб мекунанд.

Маврид ба таъкид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ҳамкории густурдаи худро бо шарикони байналмилалӣ ва сохторҳои минтақавӣ пайваста тавсеа медиҳад. Иштироки фаъол дар фаъолияти Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ғиноят бадастомада ва маблағгузории

Дар баробари таҳкими иқтидори миллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мубориза бо терроризм, экстремизм ва ғиноятқории муташаккили фаромиллӣ танҳо тавассути кӯшишҳои як давлат ғайриимкон буда, он бо роҳи ҳамоҳангсозии фаъолияти кишварҳо ва ниҳодҳои кашшофии онҳо, инчунин созмонҳои байналмилалӣ мавқеи ҳалкунандаро касб мекунанд.

терроризм, ҳамкорӣ дар доираи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ба кишвар имкон медиҳад, ки бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта иқтидори миллиро дар муқовимат ба таҳдидҳои муосир таҳким бахшад.

Дар ин раванд таваҷҷуҳи махсус ба мубодилаи иттилоот бо воҳидҳои кашшофии молиявии кишварҳои дигар нигаронида шудааст ва иштироки мутахассисони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаҳои омӯзишӣ ва конфронсҳои байналмилалӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳои муштараки техникӣ барои баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандон ва такмили механизмҳои таҳлили молиявӣ аҳаммияти муҳим дорад. Чунин ҳамкорӣ ба ошкор намудани роҳҳои гуногун ва мураккаби интиқоли ғайриқонунии маблағҳо, пешгирии маблағгузории фаъолияти террористӣ ва баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирикунанда мусоидат менамояд.

Дар замони рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва пайдоиши воситаҳои нави молиявӣ аҳаммияти ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт боз ҳам меафзояд. Имрӯз амалиётҳои молиявӣ хеле гуногунанд ва таҳдидҳои нав, аз ҷумла истифодаи дороиҳои виртуалӣ, платформаҳои рақамӣ ва усулҳои муосири интиқоли маблағ, аз мақомотҳои масъул тақозо менамоянд, ки ҳамкорӣ, мубодилаи иттилоот ва ҳамоҳангсозии фаъолиятро боз ҳам тавсеа бахшида, дар сатҳи нав ба роҳ монанд.

Новобаста аз он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт таҷрибаи нисбатан тулонӣ дорад, аммо ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, нақши муассири Бонки миллии Тоҷикистон ва департаменти мониторинги молиявӣ, инчунин рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ барои ташаккули низоми устувор ва самараноки муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм заминаи мустаҳкам фароҳам овардааст. Ин низом имрӯз ба яке аз унсурҳои муҳимми ҳифзи суботи молиявӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва таҳкими эътимоди ҷомеаи байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити таҳдидҳои рӯзафзуни фаромиллӣ муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ боқӣ мемонад. Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи татбиқи Тавсияҳои ФАТФ ва Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм (ГАО), баҳри такмили низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО, таҳкими ҳамкории байниидоравӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ тадбирҳои пайгирона меандешад. Зеро иқдомҳои дар ин самт татбиқшаванда ба ҳифзи суботи молиявӣ, рушди устувори иқтисоди миллӣ ва таъмини манфиатҳои дарозмуддати давлат ва ҷомеа равона мешаванд.

Низоми бонкии Тоҷикистон дар марҳилаи рушди устувор



11 феврали соли 2026 дар Бонки миллии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ доир ба натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ, баҳри натиҷагирӣ аз ҷамъбасти соли 2025 баргузор гардид. Чорабинӣ дар доираи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷамъбасти натиҷаҳои солонаи вазорату идораҳо баргузор шуда, ба таҳлили муфассали нишондиҳандаҳои асосии соҳаи бонкдорӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва дурнамои рушди низоми молиявии кишвар бахшида шуд.

Дар кори нишаст раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс, муовинони раис Назирӣ Гулбаҳор, Муродализода Далер ва Икромӣ Сироҷиддин, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирзода Нуралӣ ва намояндагони расонаҳои дохилӣ ва хориҷӣ ширкат доштанд.

Зимни муаррифии натиҷаҳо раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс таъкид намуд, ки фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2025 дар асоси қонунгузории амалкунанда, Паёми Пешвои миллат ва “Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат” ба таври муассир амалӣ гардида, ба ҳифзи суботи макроиқтисодӣ, устувории асъори миллӣ ва рушди бозори молиявӣ мусоидат намуд.

> Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ҳаҷми умумии пасандозҳо бо пули миллӣ 62,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 37,5 фоизро ташкил намуд.





Бино ба гуфтаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ таваррум ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок нигоҳ дошта шуда, сатҳи таваррум 3,5 фоизро ташкил дод.

Зимни нишасти матбуотӣ зикр гардид, ки дар соли 2025 низоми бонкӣ бо нишондиҳандаҳои устувор фаъолият намуда, қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 15,4 фоиз устувор гардид, дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба 59,2 млрд сомонӣ ва сармояи тавозуни онҳо ба 11,3 млрд сомонӣ расиданд.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ҳаҷми умумии пасандозҳо бо пули миллӣ 62,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 37,5 фоизро ташкил намуд. Дар соли 2025, ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 30,0 млрд сомониро ташкил дода, 22,1 фоиз бештар аз соли қаблӣ шудааст. Вусъати пардохтҳои ғайринақдӣ идома дошта, шумораи умумии кортҳои пардохтии бонкӣ ба 10,4 млн адад расид, ки 23,7 фоиз афзоишро нишон медиҳад ва шумораи ҳамёнҳои электронӣ ба 17,7 млн адад расида, 46,4 фоиз зиёд гардидааст.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2025 бинобар идома ёфтани раванди муътадили сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, дурнамои мусбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, арзёбии коҳиш ёфтани таъсири

Дар соли 2025 Бонки миллӣ ҳамкории судмандро бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд ва дигар шарикон идома додааст. Шурои иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор нишондиҳандаҳои иқтисодии Тоҷикистонро мусбат арзёбӣ намуд.



хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт, инчунин аз доираи ҳадафи муқарраргардида паст қарор доштани сатҳи таваррум меъёри бозтамвилро тадриҷан паст намуда, бо назардошти вазъи бозор ва коҳиши фишорҳои таваррумӣ дар соли ҳисоботӣ 1,5 банди фоизӣ коҳиш ёфта, дар сатҳи 7,5 фоизи солона муқаррар гардид.

Дар соли 2025 Бонки миллӣ ҳамкории судмандро бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд ва дигар шарикон идома додааст. Шурои иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор нишондиҳандаҳои иқтисодии Тоҷикистонро мусбат арзёбӣ намуд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда, ба низоми бонкӣ 6,01 млрд доллари ИМА сармояи хориҷӣ ҷалб гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 43,4 фоиз зиёд мебошад.

Дар қисмати саволу ҷавоб намояндагони ВАО масъалаҳои муҳим, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба сатҳи таваррум, тағйирёбии қурби асъор, QR-рамзи ягона, рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, захираҳои байналмилалӣ, ҳаҷми пулҳои захиравӣ, пешгирии қаллобӣ, биткоин-криптоасъор, асъори рақамӣ ва дороиҳои маҷозӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, фурӯши сабикаҳои тиллои Бонки миллии Тоҷикистон, қарзҳои ипотекӣ ва фоизи қарзҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, тамдиди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шахрвандон”, инчунин дигар масоили низоми бонкӣ мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар ҷамъбасти нишаст раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода аз ҳамкории ВАО истиқбол намуда, изҳор дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои таҳкими устувории низоми бонкӣ, рушди хизматрасониҳои молиявӣ ва фарогирии молиявии аҳолӣ тадбирҳои минбаъдаро амалӣ хоҳад кард.

Таҳияи
М. Умадуллоева



ИҚТИСОДИ ПИНҲОНӢ ВА ЗАРУРАТИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ОН:

ҶАНБАҲОИ АНДОЗӢ ВА ГУМРУКӢ ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мамадалиев Ф.С.,
директори пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон.

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои муосири иқтисодӣ фаъолияти иқтисоди пинҳонӣ яке аз масъалаҳои мураккаб ва мушкил на танҳо барои иқтисоди ҷаҳон, инчунин иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон истисно нест. Иқтисоди пинҳонӣ бевосита ба даромадҳои буҷети давлатӣ, адолати андозбандии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ, рақобати солими бозорӣ ва устувории низомҳои бонкию молиявии кишвар таъсири баланд мерасонад.

Иқтисоди пинҳонӣ яке аз муносибатҳои мураккаб ба ҳисоб рафта, маҷмуи фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, дар доираи таҳлили мазкур танҳо ба ҷанбаҳои иқтисодии он (андозию гумрукӣ), аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад. Аз ин лиҳоз, иқтисоди пинҳонӣ маҷмуи фаъолияти иқтисодиест, ки қонунгузорӣ иҷозат додааст, аммо фаъолият пурра ё қисман ба қайд гирифта намешавад ва аз низомҳои андозбандӣ ва гумрукӣ пинҳон мемонад.

Дар амалияи хоҷагидорӣ иқтисоди пинҳонӣ дар низоми андозбандӣ чунин зуҳур меёбад: пинҳон кардани қисм ё ҳамаи даромад, нишон додани хароҷоти бардурӯғ, пардохт кардани музди меҳнат “дар лифофа”, истифодаи ғайриқонунии имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва ғайра.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, ҷанбаҳои асосии андозии иқтисоди пинҳонӣ инҳо ба шумор мераванд, аз ҷумла гаронӣ ё сарбории воқеии андоз, мураккабии маъмурикунонии андоз, тавсифи гуногунии қонунгузории андоз, эътимоди паст ба истифодаи андозҳо ва сатҳи пасти саводнокии андозӣ аз ҷониби аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ.

Тавре ки таҳлили анҷомдодашудаи OECD нишон медиҳад[1], гаронии андоз (даромади андозӣ нисбат ба ММД) дар баъзе аз кишварҳои Аврупо (Дания, Фаронса,

1. *OECD (2025), Revenue Statistics 2025: Disentangling Personal Income Tax Revenue in OECD Countries, OECD Publishing, Paris, https://doi.org/10.1787/3a264267-en.*

Шветсия, Италия ва диг.) мушоҳида гардида, 40-45 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад (ниг. ба диаграммаи 1).

Лозим ба қайд аст, ки аз ҳама бештар афзоишёбии нишондиҳандаи мазкур дар Люксембург 1,7 банди фоизӣ мушоҳида гардида, дар Дания ва Италия мутаносибан 1,2 банди фоизиро ташкил додааст. Ҳамзамон, дар баъзе аз ин кишварҳо Финляндия (0,5 б.ф.), Фаронса (0,4 б.ф.) ва Шветсия (0,3 б.ф.) коҳишёбӣ низ мушоҳида мешаванд. Дар маҷмуъ, дар кишварҳои аъзои OECD гаронии андоз байни солҳои 2023 ва 2024 ба ҳисоби миёна аз 33,7 то 34,1 фоиз нисбат ба ММД афзоиш ёфтааст[2].

Диаграммаи 1. Сатҳи гаронии андозҳо дар баъзе аз кишварҳои Аврупо, фоиз нисбат ба ММД



Сарчашма: https://goo.su/6h4zJ

Дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон мутаносибан 11,5 фоиз[3], 11,9 фоиз[4] ва 19,6 фоизро ташкил дода, нишондиҳандаи мазкур дар Тоҷикистон ба 10,8 фоиз[5] баробар буда, яке аз пасттарин нишондиҳанда миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Дар давраи аз соли 2021 сатҳи гаронии андозҳо дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон 0,2 банди фоизӣ, Қирғизистон 0,1 банди фоизӣ ва Ӯзбекистон ба андозаи 0,5 банди фоизӣ коҳиш ёфта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,5 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст.

Диаграммаи 2. Сатҳи гаронии андозҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, фоиз нисбат ба ММД



Сарчашма: https://surl.lu/xzvrad, https://goo.su/QrQVsKZ, https://goo.su/N0Vy

Мураккабии маъмурикунонии андоз яке аз ҷанбаҳои муҳимми иқтисоди пинҳонӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Тавре ки маълум аст, мураккабии маъмурикунонии андоз бо он арзёбӣ мегардад, ки то чӣ андоза раванди ҳисоб, омода ва пешниҳоди ҳисоботдиҳӣ, пардохт ва муроҷиат ба мақомоти андоз барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ душвор, серхароҷот ва вақтталаб мебошанд. Дар таҳлилҳои анҷомдодашудаи ташкилотҳои байналмилалӣ чунин мафҳуми мураккаби маъмурикунонии андоз ҷой дорад: "..нишон медиҳад, ки то чӣ андоза қонунгузорӣ, раванди ҳисоб, ҳисоботдиҳӣ ва пардохти андозҳо дар амал барои андозсупорандагон мураккаб аст. Ин мураккабӣ ме-

2. *OECD (2025), Revenue Statistics 2025: Disentangling Personal Income Tax Revenue in OECD Countries, OECD Publishing, Paris, https://doi.org/10.1787/3a264267-en.-p.9.*
3. *https://goo.su/Gb9Cbvn. Санаи муроҷиат 09.02.2026.*
4. *https://goo.su/F8knU. Санаи муроҷиат 09.02.2026.*
5. *https://goo.su/HLrXry. Санаи муроҷиат 09.02.2026.*

> Мураккабии маъмурикунонии андоз яке аз ҷанбаҳои муҳимми иқтисоди пинҳонӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

тавонад бо вақт, саъю кӯшиши зиёд, шумораи шаклҳои ҳисобот ва ё идоракунии бисёрқадамӣ (барои ҳар як намуди андоз) андозагирӣ карда шавад[6]".

Новобаста аз он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳот дар самти маъмурикунонии андоз, аз ҷумла ҳуҷраи шахсии андозсупоранда, ҳисоботи электронӣ ва низоми махсус барои соҳибкорони хурд ҷорӣ шуда бошад ҳам, аммо мушкилоти асосӣ дар тағйирёбии зуд-зуди қоидаҳо, талаботи зиёди ҳисоботӣ ва татбиқи ҷарима ҳатто барои одитарин хатогии техникӣ ҷой доранд[7].

Рӯй овардани субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ ба иқтисоди пинҳонӣ аз тавсифи гуногунии қонунгузории андоз вобастагии ногусастанӣ дорад. Лозим ба қайд аст, ки гуногунии қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои зерин зоҳир мегардад, аз ҷумла намудҳои гуногуни андозҳо ва якчанд низомҳои андозбандӣ, қоидаҳои муфассал ва техникӣ, ки дониш ва малакаи касбиро талаб мекунанд, инчунин ҷой доштани фарқият дар меъёрҳои қонунгузорӣ ва таҷрибаи татбиқи амалӣ ва ғайра.

Аз ин лиҳоз, дар таҷрибаи Тоҷикистон на худи андоз, балки тартиби иҷрои он барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ мушкил ба ҳисоб меравад.

Эътимоди субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ ба истифодаи андозҳо яке аз унсурҳои калидии низоми андозбандии ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, чунин ҷанбаҳоро дар бар мегирад:

- андозсупоранда пурра боварӣ дорад, ки андозҳои супоридашуда ба буҷети давлатӣ ворид мешаванд;
- андозсупоранда пурра боварӣ дорад, ки андозҳои пардохтшуда мутобиқи қонунгузорӣ истифода бурда мешаванд;
- андозсупоранда пурра боварӣ дорад, ки андозҳои пардохтшуда ба беҳбудии хизматрасониҳои давлатӣ ва инфрасохтори пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ равона мешаванд.

Мутаассифона, тавре ки таҳлилҳои Бонки Ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътимоди субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ ба истифодаи андозҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Ҷой доштани чунин арзёбӣ бо он ифода меёбад, ки андозсупорандагон робитаи бевоситаи байни андозҳои пардохтшуда ва сифати хизматрасониҳои давлатиро эҳсос намекунанд ва ин боиси коҳиш ёфтани итоати ихтиёрии андоз мегардад[8].

Таҳқиқоти OECD нишон медиҳад, ки дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон ислоҳоти охири маъмурикунонии андоз, аз ҷумла рақамикунонӣ ва содагардонии

6. *OECD (2024), Tax Administration 2024: Comparative Information on OECD and Other Advanced and Emerging Economies, OECD Publishing, Paris, https://doi.org/10.1787/2d5fba9c-en.*
7. *https://www.andoz.tj/Legislation/TaxCode (танҳо дар соли 2025 ба Кодекси андози ҶТ 4 маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст).*
8. *World Bank. Governance and Institutions in Transition Economies. Washington, D.C.*



> Таҳқиқоти OECD нишон медиҳад, ки дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон ислоҳоти охири маъмурикунонии андоз, аз ҷумла рақамикунонӣ ва содагардонии раванди ҳисоботдиҳӣ ба беҳтар шудани эътимод ва шаффофияти низоми андозӣ мусоидат намудааст.

раванди ҳисоботдиҳӣ ба беҳтар шудани эътимод ва шаффофияти низоми андозӣ мусоидат намудааст[9].

Тибқи таҷрибаи баъзе аз кишварҳои Аврупо (ба монанди Нидерландия, Олмон ва Скандинавия) эътимоди субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ ба истифодаи андозҳо дар ҳолате баланд арзёбӣ мегардад, ки агар шаффофияти баланди хароҷоти буҷети давлатӣ таъмин карда шуда, ҳисоботдиҳии кушод ва дастрас ҷой дошта, сифати баланди хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод карда шаванд. Дар ин кишварҳо пардохти ихтиёрии андоз ҳамчун шакли ҳамкории иҷтимоӣ дарк карда мешавад, новобаста аз оне ки дар онҳо (Нидерландия 24.8%[10] ва Скандинавия (Дания 31,4% ва Норвегия 27,1%)[11]) сарбории баланди андозӣ ҷой дорад[12].

Лозим ба тазаккур аст, ки сатҳи пасти саводнокии андозӣ дар Тоҷикистон яке аз мушкилоти асосии майл намудан ба фаъолияти иқтисоди пинҳонӣ ба ҳисоб меравад. Саводнокии андозӣ маҷмуи донишҳо ва малакаҳо дар назар дошта мешавад, ки ба шахс имкон медиҳанд моҳият ва нақши андозро дар рушди иқтисодӣ дарк намуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои андозии худро донад, тартиби ҳисоб, пардохт ва пешниҳоди ҳисоботҳои андозиро фаҳмида, аз имтиёзҳои ҷойдошта ва сабукиҳои пешбинишудаи қонунӣ истифода барад[13].

Таҳқиқотҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки сатҳи пасти саводнокии андозӣ боиси коҳиш ёфтани итоати ихтиёрии андоз ва афзоиш ёфтани хароҷоти маъмурикунонии андоз мегардад[14]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саводнокии пасти андозӣ бо хусусиятҳои хоси худ ҷой дорад, аз ҷумла қисми зиёди аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ қоидаҳои асосии андозбандиро пурра намедонанд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро ҳамчун андозсупор дуруст дарк накарда, фарқияти байни намудҳои андоз ва низоми андозбандиро намефаҳманд. Вобаста ба ин, Бонки Ҷаҳонӣ дар таҳқиқоти худ қайд намудааст, ки дар Тоҷикистон яке аз омилҳои асосии васеъшавии иқтисоди пинҳонӣ ин маҳдуд будани маърифати молиявӣ ва

9. *OECD. Revenue Statistics in Asia and Central Asia. Paris.*
10. *Helgi Library. Санаи мурочиат 10.02.2026.*
11. *Tax Revenue (As % of GDP) | Helgi Library. Санаи мурочиат 10.02.2026.*
12. *Transparency International. Corruption Perceptions Index; OECD. Government at a Glance.*
13. *OECD. OECD/INFE Toolkit for Measuring Financial Literacy and Financial Inclusion.*
14. *OECD. Tax Morale and Compliance. Paris: OECD Publishing.*

... аз натиҷаи таҳқиқотҳои анҷомдодаи Бонки Ҷаҳонӣ ва OECD чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокии андозӣ метавонад фаъолияти иқтисоди пинҳониро коҳиш дода, итоати ихтиёрии андозсупориро афзоиш ва ба беҳтар шудани самаранокии низоми андозӣ мусоидат кунад.

андозӣ ба шумор меравад[15].

Қайд кардан зарур аст, ки ҷой доштани сатҳи пасти саводнокии андозии субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ яке аз омилҳои калидии заиф будани фарҳанги андозсупорӣ ва набудани эътимод ба низоми андозӣ мебошад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз натиҷаи таҳқиқотҳои анҷомдодаи Бонки Ҷаҳонӣ ва OECD чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокии андозӣ метавонад фаъолияти иқтисоди пинҳониро коҳиш дода, итоати ихтиёрии андозсупориро афзоиш ва ба беҳтар шудани самаранокии низоми андозӣ мусоидат кунад.

Тавре ки қаблан изҳор намуда будем, ҷанбаи дигари иқтисоди пинҳонӣ низоми гумрукро дар бар гирифта, тибқи натиҷагирии таҳқиқотҳои байналмилалӣ самаранокии пасти маъмурикунии гумрук ба афзоиши иқтисоди пинҳонӣ ва коҳиш ёфтани даромадҳои буҷети давлатӣ аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ замина мегузорад[16]. Чунин фаъолиятҳои иқтисоди пинҳонии соҳаи гумрук ҷой доранд:

Паст нишон додани арзиши молҳои воридотӣ. Яке аз фаъолияти маъмултарини иқтисоди пинҳонӣ дар соҳаи гумрук паст нишон додани арзиши молу хизматрасониҳои воридотӣ ба ҳисоб рафта, бо ин роҳ ҳаҷми боҷҳои гумрукӣ, ААИ ва дигар пардохтҳоро коҳиш медиҳанд. Барои кишварҳои дорои иқтисоди гузариш нишондиҳандаи мазкур яке аз сарчашмаҳои асосии талафоти даромадҳои гумрукӣ мебошад[17].

Нодуруст эъломия кардани молу маҳсулоти воридотӣ. Истифода кардани рамзҳои гумрукии нодуруст (HS codes) бо мақсади татбиқи меъёрҳои пасти боҷи гумрукӣ. Чуноне ки аз таҳлилҳои OECD бармеояд, мураккабии тарифҳои гумрукӣ эҳтимолияти чунин амалҳоро афзоиш медиҳад[18].

Ба таври қочоқ ва ғайриқонунӣ ворид намудани молу маҳсулот. Мебояд таъкид дод, ки қочоқ ва ғайриқонунӣ ворид намудани молу маҳсулот шакли классикии иқтисоди пинҳонии бо гумрук алоқаманд ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумоти World Customs Organization қочоқи молу маҳсулот (махсусан сӯзишворӣ, тамоку, маводи ғизоӣ ва маҳсулоти саноатӣ) на танҳо ба буҷети давлатӣ хисорот меорад, ин-

15. *World Bank. Informality and Tax Compliance in Transition Economies. Washington, D.C.*
16. *World Bank. Shadow Economies and Revenue Mobilization. Washington, D.C.*
17. *IMF. Customs Administration and Trade Facilitation. Washington, D.C.*
18. *OECD. Trade Facilitation and Customs Compliance. Paris.*

чунин рақобати носолими бозориро ба вуҷуд меорад[19].

Суиистифода аз имтиёзҳо ва реҷаҳои махсуси гумрукӣ. Мувофиқи таҳлилҳои Бонки Ҷаҳонӣ ҷой надоштани назорати самаранок дар чунин ҳолатҳо, метавонад ба истеҳсолкунандагони дохилӣ ва даромади буҷети давлатӣ таъсири манфӣ расонад[20]. Аз ин лиҳоз, дар ин самт зарур аст, ки назоратро мустаҳкам, шаффофиятро баланд ва инфрасохтори гумрукӣ таъмин карда шаванд.

Иқтисоди пинҳонӣ дар самти гумрук аз чунин шароитҳо вобаста аст, аз ҷумла шаффоф набудани қарорҳои маъмурӣ, мураккабии расмиёти гумрукӣ, сатҳи пасти рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ ва ҷой доштани коррупсия.

Барасмиятдарории иқтисоди пинҳонӣ дар низоми андоз ва гумрук як қадами муҳим дар рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, танҳо тавассути коҳиш додани ангезаҳои фаъолияти ғайрирасмӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ ба риояи қонунгузорӣ имконпазир аст[21]. Аз ин лиҳоз, дар низоми андоз барасмиятдарорӣ бояд тавассути содакунии бақайдгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, ҷорӣ намудани низомҳои содаи андозбандӣ, коҳиш додани харочоти риояи қоидаҳо, инчунин баланд бардоштани шаффофият ва пешбинишавандагии меъёрҳои андозӣ роҳандозӣ карда шавад.

Дар низоми гумрук бошад, барасмиятдарории иқтисоди пинҳонӣ бо андешидани тадбирҳои зерин вобаста аст, аз ҷумла рақамикунонии пурраи расмиёти гумрукӣ, амалисозии идоракунии хавфҳо, коҳиш додани алоқаи бевоситаи субъектҳои иқтисодӣ бо мансабдор ва ҳамоҳанг намудани стандартҳои гумрукӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ.

Дар маҷмуъ, тибқи таҷрибаи кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Балтика омили калидӣ дар ин самт ҳамгироии саривақтии сиёсати андоз, гумрук ва сиёсати иҷтимоӣ мебошад[22].

Бо назардошти нуктаҳои болозикр чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки барасмиятдарории иқтисоди пинҳонӣ: ҷанбаҳои андозию гумрукӣ раванди мураккабу бисёрҷабҳа буда, на танҳо тадбирҳои назоратӣ, инчунин ислоҳоти ниҳодӣ, содагардонии қонунгузорӣ ва баланд бардошти эътимодро тақозо мекунад.

> Барасмиятдарории иқтисоди пинҳонӣ дар низоми андоз ва гумрук як қадами муҳим дар рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, танҳо тавассути коҳиш додани ангезаҳои фаъолияти ғайрирасмӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ ба риояи қонунгузорӣ имконпазир аст.

19. *World Customs Organization (WCO). Illicit Trade Report. Brussels.*
20. *World Bank. Special Economic Zones and Fiscal Risks. Washington, D.C.*
21. *World Bank. Formalization of the Informal Economy. Washington, D.C.*
22. *OECD. Informality and Structural Transformation.*



Таҷлили бошукӯҳи ҷашни байналмилалии Наврӯз дар Бонки миллии Тоҷикистон

“Наврӯз яке аз куҳантарин ва пурмазмунтарин ҷашнҳои башарият буда, рамзи бедоршавии табиат, оғози соли нав ва зиндагии тоза, покиву болидагии руҳу андеша ва таҳкими арзишҳои инсондӯстонаву ахлоқӣ ба ҳисоб меравад”.

Ин нукта аз Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Наврӯзи байналмилалии соли 2026 мебошад, ки моҳияти аслии ин ҷашни бузурги аҷдодиро таҷассум мекунад.

Наврӯз аз маҳбубтарин ҷашнҳои миллии мо буда, аз замонҳои қадим то имрӯз мардумро ба ваҳдату иттиҳод, созандагиву ободкорӣ, дӯстиву инсонпарварӣ ва дигар арзишҳои олии башарӣ раҳнамун месозад.

Ҳамасола дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷашни байналмилалии Наврӯз бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад. Имсол низ 18 марти соли 2026 таҳти раёсати Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ва бо иштироки роҳбарият, кормандон, намояндагони ҷомеаи илмӣ ва собиқадорони соҳа чорабинии фарҳангӣ дар фазои идона баргузор гардид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни суханронии худ ҳозиринро ба муносибати фарорасии Наврӯз самимона таб-





> Наврӯз дар саросари ҷаҳон бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад ва ба унвони омили ҳамбастагии фарҳангҳо ва тамаддунҳо хизмат мекунад.

рик намуда, таъкид кард: “Наврӯз аз маҳбубтарин ҷашнҳои миллии мо буда, аз замонҳои қадим то имрӯз мардумро ба ваҳдату иттиҳод, созандагиву ободкорӣ, дӯстиву инсонпарварӣ ва дигар арзишҳои олии башарӣ раҳнамун месозад”.

Зикр гардид, ки бо ташаббуси Пешвои миллат ва дастгирии кишварҳои ҳавзаи Наврӯз 23 феврали соли 2010 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Наврӯзро ҷашни байналмилалӣ эълон намуд. Аз он замон инҷониб Наврӯз дар саросари ҷаҳон бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад ва ба унвони омили ҳамбастагии фарҳангҳо ва тамаддунҳо хизмат мекунад.

Дар идомаи суханронӣ Раиси Бонки миллӣ аҳамияти ваҳдату ҳамдилиро дар шароити муосир махсус таъкид намуда, изҳор дошт, ки ноороміҳои ҷаҳонӣ бори дигар зарурати таҳкими сулҳ, субот ва ҳамкории созандаро собит месозанд. Маҳз ваҳдату ҳамдилӣ замина фароҳам меорад, то Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалисозии ҳадафҳои стратегии худ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат – ба дастовардҳои назаррас ноил гардад.

Ҳамзамон таъкид шуд, ки Наврӯз на танҳо ҷашни шодӣ, балки рамзи инсондӯстӣ ва саховатмандист. Дар ин замина, Бонки миллии Тоҷикистон анъанаи неки хайру эҳсонкориро идома дода, ҳамасола қишрҳои ниёзманди ҷомеаро дастгирӣ менамояд.

Дар чорабинӣ инчунин масъалаи тарбияи насли ҷавон мавриди таваҷҷуҳи









махсус қарор гирифт. Зикр гардид, ки тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ вазифаи муҳимми ҷомеа мебошад. Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро ва тарбияи онҳо ҳамчун ворисони арзандаи миллат аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ роҳбари Маркази омӯзишии равандҳои муосир ва ояндангарии илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Нозим Нурзода оид ба таърих ва аҳаммияти фарҳангии Наврӯз маърузаи пурмуҳтаво намуд. Ҳамчунин, доктори илмҳои филологӣ Баротзода Султон Ҳасан доир ба таҷассуми Наврӯз дар адабиёти классикии тоҷик, бахусус дар осори Робиаи Балхӣ, суханронӣ кард.

Анъанаҳои варзишӣ низ бахши ҷудонашавандаи таҷлили Наврӯз дар Бонки миллӣ ба ҳисоб мераванд. Дар арафаи ид мусобиқаҳои варзишӣ миёни воҳидҳои сохторӣ баргузор гардида, ғолибон дар чорабинии тантанавӣ бо ҷоизаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.

Дар фарҷоми ҳамоиш барномаи фарҳангӣ бо иштироки ҳунармандон ва ҷавонони фаъоли бонк фазои идонаро боз ҳам рангоранг гардонида, руҳияи шодиву нишотро тақвият бахшид.

Ҷашни Наврӯз бори дигар собит намуд, ки он на танҳо мероси гаронбаҳои ниёгон, балки омили муҳимми таҳкими ваҳдати миллӣ, рушди фарҳанг ва пешрафти ҷомеа мебошад. Бо чунин руҳия кормандони Бонки миллии Тоҷикистон омодаанд, ки дар роҳи ободиву шукуфоии Ватан саҳми арзандаи худро гузоранд.

Таҳияи
С. Ҳакимова

ҶАШНИ ОЗОДАГОН ВА ОЗОДАГӢ



Ҳасани СУЛТОН,
узви вобастаи АМИТ

Наврӯз аз маҳбубтарин ҷашнҳои миллии мост, ки аз рӯзгори қадим ибтидо гирифта, то ба имрӯз ғоя ва анъанаҳои олии миллӣ ва умумибашарии худро бо беҳтарин ваҷҳ идома мебахшад. Ба хусус, пас аз қабули қатъномаи иҷлосияи 64-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар таърихи 23 феврали соли 2010 оид ба ҷашни байналмилалӣ эълон шудани Наврӯз шукӯҳу эътибори он дар саросари ҷаҳон нуфуз ва доманаи густариши бештар пайдо кард. Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Наврӯз ва дигар ҷашнҳои қадими миллии мо чунин изҳори назар карда буданд: “Мо ифтихор дорем, ки Тоҷикистон, барҳақ, ватани Наврӯз, Сада, Тиргон ва Меҳргон аст. Ҳар кадоме аз ин ҷашнҳо таърихи беш аз 6000-сола дорад. Ва ин далел низ боиси ифтихори мост, ки Наврӯзи бостонӣ имрӯз ҷашни ҷаҳонӣ гаштааст”.

Ин суханони Пешвои миллат ҳақиқатест, ки дар он ҷойи шубҳа нест, зеро Наврӯз дар баробари Сада, Тиргон ва Меҳргон аз ҷашнҳои қадимтарини миллии мост, ки аз даврони бостон, аз замони подшоҳии Ҷамшед ва дигар хусравони аҳди қадим ба мо мерос мондааст. Дар матнҳои бозмонда аз рӯзгори пешин ва осори назму насри гузаштагони мо дар бораи ҳикмати Наврӯз ва чигунагии пайдоиши он нақлу ривоятҳои гуногун мавҷуд аст. Аз ҷумла, пешиниёни мо Наврӯзро далели пайдоиш ва офариниши ҷаҳон дониста, гуфтаанд, ки дар ин рӯз Худованд афлокро пас аз он ки сокин буд, ба гардиш оварда ва Офтобро барои он ки замон ва солу моҳу рӯз аз гардиши он шинохта шавад, офарид. Ҳамчунин мегӯянд дар ин рӯз буд, ки инсон офарида шуд ва ё нахустин шоҳи олам Каюмарс, ки ӯро бо таваҷҷуҳ ба подшоҳӣ ёфтанаш дар кӯҳ, гузаштагони мо Галшоҳ, Гаршоҳ ё Ғаршоҳ лақаб додаанд, ба тахти шоҳӣ нишаст.

Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” бунёд ниҳодани ҷашни Наврӯзро ба Ҷамшед дар рӯзи ҳурмуз, яъне рӯзи аввали моҳи фарвардин – моҳи аввали тақвими аҷдодии шамсӣ нисбат додааст:

Ба Ҷамшед-бар гавҳар афшонданд,
Мар он рӯзро “рӯзи нав” хонданд.
Сари соли нав ҳурмузи фарвадин,
Баросуда аз ранҷ рӯйи замин.
Бузургон ба шодӣ биёростанд,
Майу ҷому ромишгарон хостанд.
Чунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор,
Ба мо монд аз он хусравон ёдгор.

Чунин нақлу ривоятҳо зиёданд, вале ин нукта ҷойи баҳс надорад, ки Наврӯз оғози сарсабзиҳо, шукуфтанҳо ва дар маҷмуъ, эҳёи замину замон аст.

Аз рӯзгори қадим дар байни мардуми мо дар ин рӯз расм аст, ки ба якдигар ҳадя фиристанд ва мегӯянд, ки сабаби он ба ошкор шудани нашакар дар рӯзи Наврӯз бастагӣ дорад. Ба ин маънӣ, ки рӯзи Наврӯз Ҷамшед найеро дид, ки обҳои даруни он ба берун таровиш карда буд ва чун Ҷамшед дид, ки он ширин аст, амр кард, ки оби ин найро берун ованд ва аз он шакар сохтанд. Ҳамин гуна сирри шакар ошкор шуд. Ҳамин аст, ки дар ибтидо мардум барои якдигар дар Наврӯз шакар ҳадя мефиристоданд.

Бори нахуст бунёдгузори давлати Ҳахоманишиён Куруши Кабир (559-530 то мелод) соли 538 пеш аз милод Наврӯзро ҷашни миллии мардуми мо эълон кард. Дар ин рӯз дари боргоҳи подшоҳони Ачам ба рӯйи мардум боз гардида, ҳоҷати ниёзмандон раво, маҳбусон озод, гунаҳкорон авф карда мешуданд.

Дар замони Дориюши аввали Ҳахоманишӣ (522-486 то мелод) Наврӯз дар Тахти Ҷамшед баргузор мешуд.

Ин нукта ҳам ҷолиб аст, ки бунёдгузори давлати Сосониён Ардашери



Бобакон (224-241) соли 230 мелодӣ давлати Римро шикаст дод ва талаб кард, ки Рим ҷашни Наврӯзро ба расмият шиносад. Сенати Рим ҷашни Наврӯзро дар қаламрави Рим ба расмият шинохт.

Мегӯянд, ки пешиниёни мо обро дар баробари оташ муқаддас медонистанд ва дар аҳди Сосониён дар бомдоди рӯзи Наврӯз мардум ба ҳам об мепошиданд. Аз замони ҳукмронии Ҳурмузи аввали сосонӣ (272-273) дар шаби Наврӯз афрӯхтани оташ расм гардид. Аз замони Ҳурмузи дувуми сосонӣ (302-309) расми додани сикка ё танга ба сифати идӣ пайдо шуд.

Дар аҳди Сомониён (875-999) низ Наврӯз бо шукӯҳу ҷалол таҷлил мешуд.

Дар рӯзгори давлатдории Аббосиён дар Бағдод ва дигар шаҳрҳои хилофат мардум дар кӯчаҳо бо нидои “шукра-н-Найруз” ҳамдигарро муборакбод мегуфтанд.

Баъдан дар рӯзгори боло гирифтани таассуби динӣ ин ҷашн каме дар ҳошия қарор гирифт ва ахиран бо шарофати Истиқлол ва саъйи ҳамвораи Пешвои миллат Наврӯз ба ҷашни ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Ба расми маъмул гузаштагони мо дар рӯзи Наврӯз либоси нав ё тозаву озода дар бар карда, аҳли ҳар хонавода бар сари хони наврӯзӣ менишастанд. Хони наврӯзӣ аз ҳафт син, яъне сипанд, себ, сиёҳдона, санҷид, суманак, сикка ва сабзӣ ё гандуми сабзида ва ҳафт шин, яъне шакар, шир, шароб, шиннӣ, шамшод, шамъ, шона иборат буд.

Наврӯз воқеан рӯзи аз синаҳо берун андохтани кинаҳо, рӯзи бахшидани гуноҳи ҳамдигар, рӯзи меҳрубонию меҳрборӣ, рӯзи таваллуди дубораи табиату инсонҳост.

Маросиму ойинҳои ҷуфтбаромон, хонабаромон ё хонатаконӣ, оташафрӯзон, гулгардонӣ, суманакпазӣ, аёдати беморон, ёд кардани гузаштагон, навозиши сари ятимону бепарастороон, хайру эҳсон ба ниёзмандону дармондагон ва ғайра аз суннатҳои неки наврӯзист, ки аксари ин ойинҳо то имрӯз дар кишвари мо вуҷуд доранд. Ба хусус, ёд кардани гузаштагон ва дастгирии бечорагону дармондагон аз анъанаҳои хуби Наврӯз ба шумор мераванд.

Мардуми моро аз рӯзгори қадим дар баробари “ориёӣ” бо сифати “озодагон” ҳам ном мебурданд, ки ин вожа бо “ориёӣ”, яъне озодаву наҷибзода ҳаммаъност. Устод Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва бузургони дигар дар сурудаҳову нигоштаҳои худ сареҳан гузаштагони моро “озодагон” ном бурдаанд. Бинобар ин, як суннати муҳимми Наврӯзи озодагон озодагию покизагӣ ва покизарӯзгорист.

Бинобар ин, зарур аст, ки ҳар яки мо ба хотири ободию шукуфоии ҳар чи бештари сарзамини аҷдодии худ суннатҳои наврӯзӣ, аз ҷумла озодагию покизагии зоҳиру ботини худ ва шаҳру деҳоти мамлакатро шиори зиндагӣ қарор диҳем ва барои тантанаи Наврӯзи оламафрӯз дар ҳар чор фасли сол ва ҳамасола ба наврӯзгоҳи ҳақиқӣ табдил ёфтани Тоҷикистони азиз камари ҳиммат бандем.

Ҳасани СУЛТОН

ҶАШНИ НАВРӮЗИ ҶАҲОН

Бонги ҷашни тоҷикон ояд ҳаме...

устод Лоиқ

Пайки Ҳақ аз осмон ояд ҳаме,
Рӯзи Наврӯзи ҷаҳон ояд ҳаме.
Бар диёри файзбори тоҷикон
Гулнисору гулфишон ояд ҳаме.
Ҷашни Наврӯзи дилафрӯзи Аҷам
Бо шукӯҳи ҷовидон ояд ҳаме.
Бо фурӯғи меҳру фарри эзадӣ
Аз замони бостон ояд ҳаме,
Аз замони шоҳ Ҷамшеди бузург
Шодкому шодмон ояд ҳаме.
Бо дуруду бо суруди Рӯдакӣ
То замони мо ҷавон ояд ҳаме.
Аз шамими боди атрафшони ӯ
“Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме.”
В-аз канори сабзаи домони ӯ
“Ёди ёри меҳрбон ояд ҳаме.”
Сабз андар сабз монанди малак
Аз фалакҳо паркашон ояд ҳаме.
Аз қудуми файзрезаш бегумон
Файз бар ҳар хонадон ояд ҳаме.
Оби раҳмат – раҳмати Парвардгор
То карон аз бекарон ояд ҳаме.
Бар замини поки аҷдодии мо
Шавкати озодагон ояд ҳаме.
Расму ойини қадими Ориё
Пеши чашми мо аён ояд ҳаме.



Расми хуби ҳафт сину ҳафт шин
Боз бар болои хон ояд ҳаме.
Бар муборакбоди Наврӯзи куҳан
Корвон бар корвон ояд ҳаме.
Пири Тӯсӣ аз баҳористони Тӯс
Бар лабаш сад достон ояд ҳаме,
Рустам аз Зобул савори Рахши хеш,
Золи Зар аз Систон ояд ҳаме.
Шаҳ Куруши номбардори башар
Аз Пасаргад меҳмон ояд ҳаме.
Дориюш аз тахтгоҳи Садсутун,
Ардашер аз Исфаҳон ояд ҳаме.
Ҳам зи Марви Шоҳҷон Озодсарв
Қиссагӯю қиссахон ояд ҳаме,
Ҳам зи Балхи Навбаҳор Озаргушасп
Аспи оташ зери рон ояд ҳаме...
Аз фурӯғи оташи Наврӯзи мо
Оташи меҳри Каён ояд ҳаме.
Шуълаи тобони меҳру ҳамдилӣ
Баҳри мо чун армуғон ояд ҳаме.
Бар дили пиру ҷавони мамлакат
Қуввату зӯру тавон ояд ҳаме.
Аз камоли ваҳдату ҳамбастагӣ
Нашъае бар ҷисму ҷон ояд ҳаме.
Ҷашни Наврӯзи ҷаҳон ояд ҳаме,
Бар диёри тоҷикон ояд ҳаме.



Муомилоти пулӣ дар сарзамини тоҷикон: таҷассуми таърих, давлатдорӣ ва тамаддун

Таърихи пул яке аз муҳимтарин саҳифаҳои тамаддуни башарӣ ба шумор меравад, зеро он на танҳо воситаи мубодилаи молу хизматрасонӣ, балки ойинаи рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаҳо мебошад. Таҳаввули муносибатҳои пулӣ дар ҳар давру замон сатҳи пешрафти давлатдорӣ, тиҷорат ва робитаҳои байналмилалии халқҳоро инъикос намудааст.

Сарзамини тоҷикон аз ҷумлаи қадимтарин марказҳои тамаддуни ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, таърихи муомилоти пулӣ дар он ба ҳазорон сол қабл мерасад. Аз аҳди давлатҳои ориёии бостон то замони салтанатҳои Юнону Бохтар, Кӯшониён, Сомониён ва то даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, низоми пулӣ ҷузъи муҳимми ҳаёти иқтисодии ҷомеа буда, марҳилаҳои гуногуни рушдро паси сар намудааст.

Бозёфтҳои бостоншиносӣ ва нигораҳои сиккашиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки сарзамини тоҷикон дар тули асрҳо яке аз марказҳои муҳимми истеҳсол ва гардиши пул дар минтақа ба ҳисоб мерафт. Сиккаҳое, ки дар шаҳрҳои қадимаи Бохтар, Суғд, Хутталон, Чоч ва дигар марказҳои иқтисодӣ зарб гардидаанд, имрӯз ҳамчун сарчашмаҳои арзишманди омӯзиши таърихи иқтисодӣ хизмат мекунанд.

Дар миёни саҳифаҳои пурифтихори таърихи муомилоти пулӣ давраи Сомониён ҷойгоҳи хос дорад. Дар ин аҳд низоми мукаммали пулӣ ташаккул ёфта, дирҳамҳои нуқрагини сомонӣ ба яке аз муътабартарин воситаҳои мубодила дар минтақаҳои васеи Шарқу Ғарб табдил ёфтанд. Рушди тиҷорат, шаҳрсозӣ ва робитаҳои байналмилалӣ боиси густариши бесобиқаи гардиши пул гардид.

Омӯзиши таърихи пулҳои қадима имкон медиҳад, ки на танҳо таҳаввули иқтисодиёт, балки равандҳои давлатсозӣ, робитаҳои фарҳангӣ ва ҷойгоҳи таърихии тоҷикон дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ амиқтар дарк карда шавад. Аз ин рӯ, сиккаҳо ва дигар аломатҳои пулӣ ҳамчун ҳуҷҷатҳои зиндаи таърих аҳаммияти бузурги илмӣ ва фарҳангӣ доранд.

Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон то ҳадди имкон нигораҳои давраҳои муомилотии пулии тоҷиконро дар ҳар давру замон ҷамъоварӣ карда, тавассути нигораҳо (сиккаҳо ва пулҳои коғазӣ аз Захираҳои осори таърихии Бонки миллии Тоҷикистон) намоиш додани таърихи муносибатҳои пуливу молӣ дар сарзамини тоҷикон аз замони бостон то имрӯз роҳандозӣ кардааст. Қадимтарин нигораҳои бостонии Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон ба замони сулолаи Юнону Бохтарӣ (асрҳои III-II пеш аз милод) тааллуқ дошта, дар 12 витринаи осорхона пулҳои (аломатҳои пулии) 97 кишвари хориҷӣ (954 нигора) низ ба маърази тамошо гузошта шудаанд.

Маҷаллаи “Бонкдорӣ, Тараққиёт, Ҷаҳонишавӣ” ин навбат тасмим гирифт бо истифода аз Роҳнамо аз нигораҳои Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон, ки худ бозгӯи таъриханд, ба хонандагон маълумоти муфассал пешкаш намояд.

Сиккаҳои Сомониён (875-999)

Бо дарназардошти аҳаммияти таърихии аввалин давлати мута-маркази асримиёнагии тоҷикон - Сомониён намоиши нигораҳои Осорхона аз низоми пулии ҳамин сулола оғоз меёбад.

Авҷи аълои муомилоти пулӣ дар ибтидои асрҳои миёна маҳз ба даврони сулолаи Сомониён рост меояд.

Намояндаи барҷастаи ин дудмон Исмоили Сомонӣ (892-907) сараввал сарҳадоти давлати худро аз тохтутозҳои бодияни-шинон эмин сохта, си-пас ба корҳои созандагӣ - ободонии шаҳру деҳот, сохтмони роҳҳо ва корвонсаройҳо иқдом на-муд. Ба гувоҳии сайёҳон ва ҷуғрофияшиносони асри X теъдоди корвонсаройҳо дар он аҳд то ба 10.000 расида буд, ки онҳо аз лиҳози амният ва шароити будубоши муносиб барои корвонҳо пурра таъмин бу-данд. (Ибн Ҳавкал, Сурат-ул- арз, Душанбе, Адиб, 2008, саҳ.. 141) Ҳамин тавр, иқдомоти пешгирифтаи давлати Сомониён боиси рушду нумуи бесобиқаи иқтисод, тиҷорат ва робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ гардид.

Тасвири 1. Дирҳамҳои сомонӣ: 1-3 –Наср б. Аҳмад, 4- Нуҳ б. Мансур.



Бо мақсади таъмин намудани талаботи рӯзафзуни тиҷорати дохилӣ ва байналмилалӣ дар давлати Сомониён низоми пулии нодире ба роҳ монда шуда буд, ки дар он панҷ навъи пул: динор (сиккаи тилло), дирҳам ва дирҳамҳои шикаста (сиккаҳои нуқра), фалс (сиккаи мис) ва дирҳамҳои минтақавии навъи бухорхудотӣ (ғитрифӣ, муҳаммадӣ ва мусайябӣ) истифода мешуданд.

1. **Динор** аз тилло бо вазни 4,1 гр. зарб шуда, дар савдои яклухти байниминтақавӣ ва му-омилоти байналмилалӣ, асосан бо мамлакатҳои шарқ, истифода мегар-дид.

2. **Дирҳам** - воситаи асо-сии пулӣ дар тиҷорати байниминтақавӣ ва байналмилалӣ буда, дар 45 зарробхона, аз ҷумла дар Ҳулбук (маркази Хатлон), Вахш ва Рашт сикка зада мешуд.

Дирҳам дар ибтидо бо вазни 2,9 гр. бароварда ме-шуд ва дар замони Исмои-ли Сомонӣ ҳиссаи нуқраи холиси он то ба 92 - 100% мерасид. Дар сарчашмаҳои таърихӣ ин дирҳам ба номи “исмоилӣ” ёд меша-вад ва аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ қурби дирҳам дар бозори маводи ниёзи мардум хеле баланд буд. (Ниг. Замимаи 2)

Яке аз вижагиҳои дирҳам ин буд, ки дар муомилот на танҳо ҳамчун воситаи пулии фарогир (универсалӣ) истифода мешуд, балки дар тиҷорат бо Русия ва мамолики Аврупо ба сифати мол

ба савдо гузошта мешуд ва дирҳамҳои “исмоилӣ” дар кишварҳои Ғарб бозори васеъ ва серхариди худро пайдо намуда буданд. Бинобар ин, дар дохили кишвар дирҳам нақши “хоксорона” дошт, ки камёфт будани дафинаҳои онҳо дар Осиёи Миёна аз ин далолат мекунад.

Дар айни замон, дар Русия ва мамолики Ғарб, бештар аз 500 дафинаи дирҳамҳои сомонӣ ва мусулмонӣ бозёфт гардидаанд. Танҳо дар Шветсия 62 дафинаи дирҳамҳои Сомониён кашф гардидааст, ки 38807 сиккаро дар бар мегирад.

Дар Русияи Қадим дирҳамҳои сомонӣ ба сифати воситаи пулии ин кишвар гардиш менамуданд. Ба андешаи таърихшиносони муосири Русия ва Украина дирҳамҳои мусулмонӣ, хусусан “исмоилӣ” дар бунёди низоми пулии Руси Киев нақши бузург доштанд. Дар ин низом дирҳамҳои баландсифат бо номи “ногата” – (аз калимаи арабии “нақд” яъне пул) ва дирҳамҳои фарсуда бо номи “куна” (пӯсти далла, савсар, ки замоне ба ҳайси муодили (эквиваленти) пул истифода мегардид) ёд мешуданд. Ба қавли муаллифони Таърихи ҶШС Украина асоси низоми пули Руси Қадимро “гривна” (воҳиди андозагирии вазн ва ҳисобии нуқра) ташкил мекард, ки он ба 20 “ногата” ё 25 “куна” ва ё 50 “резана” баробар буд.

Дар витрина намунаи дирҳамҳои 5 амири сулолаи Сомониён намоиш дода мешавад.

3. **Дирҳамҳои шикаста.** Яке аз падидаҳои нодири низоми пулии Сомониён истифодаи дирҳамҳои шикаста буд, ки дар додугирифти нақдӣ ба сифати пули майда истифода мешуданд ва соҳаи хоси гардиши худро дар муомилот доро буданд. Бо ин мақсад дирҳамҳои яклухтро ба қисмҳои муайян (то 12 пора) тақсим менамуданд.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар муомилоти пулии Руси Киев низ дирҳамҳои шикаста чунонки дар боло зикр шуд, бо номи “резана” гардиш мекарданд. Дар витрина намунаи дирҳамҳои шикастаи асри X-XI ба намоиш гузошта шудаанд.

4. **Фалс (Фулус).** Сиккаи мисӣ буда, шарҳи он дар Витринаи 2-и Раҳнамо оварда шудааст.

5. **Сиккаҳои минтақавӣ.** Азбаски дирҳамҳои нуқра бештар ба самти Аврупо содир мешуданд, барои қонеъ намудани талаботи муомилоти дохилӣ бо пули нақд, дар баъзе манотиқи аз назари иқтисодӣ пешрафта, бино ба тақозои аҳолӣ, сиккаҳои маҳаллӣ, ки ба гунаи сиккаҳои тоисломии ҳокимони Бухоро (бухорхудотҳо) бо иловаи навиштаҷоти арабӣ зарб зада мешуданд, дар муомилот қарор доштанд. Сиккаҳои мазкур аз рӯйи минтақаи гардиш ва таркиби филизияшон ба се ном маъруф буданд:

- ***дирҳамҳои ғитрифӣ*** (аз номи волии Хуросон Ғитриф ибни Ато), аз омехтаи мис ва андаке нуқра гудохта шуда, дар шаҳри Бухоро ва воҳаи он гардиш мекарданд;
- ***дирҳамҳои муҳаммадӣ*** аз омехтаи нуқра ва мис бо таносуби 50 бар 50 рехта шуда, дар муомилоти пулии Суғд, Насаф, Кеш ва Фарғона қарор доштанд;
- ***дирҳамҳои мусайябӣ*** (аз номи волии Хуросон Мусайяб ибни Зубайр) аз нуқра сохта шуда, дар Чоч (минтақаи Тошканд) ва Хуҷанд гардиш мекарданд.

Дар вилоятҳои зикршуда боҷу хироҷи давлатӣ бо ҳамон дирҳамҳои минтақаи худ пардохт мегардид. Қурби дирҳамҳои зикршуда аз тарафи давлат ба таври фискалӣ муқаррар шуда, дар баъзе мавридҳо аз қимати дирҳамҳои нуқра баландтар арзёбӣ мегардид.

Дар витрина ба ҳайси

намуна 2 адад дирҳами “ғитрифӣ” нишон дода шудааст.

“Шаҷара”-и аҳди Сомониён

Дар Витринаи 2, ки ифтихори намоишгоҳ ба ҳисоб меравад, коллексияи фулуси (сиккаҳои мисӣ) амирон ва моликони сомонӣ ба шакли “дарахти шаҷара” аз аҳди Аҳмад б. Асади Сомонӣ (819-864) (падари Исмоили Сомонӣ) ва писаронаш то сиккаи хеле нодири вопасин шоҳи сомонӣ Исмоил ибни Нӯҳ (Мунтасир), ки дар солҳои 1000-1005 бо Қарахониёни ғосиб барои эҳёи дудмони Сомониён муҷодалаи беамон намуд ва барои як муддате душманро аз Бухоро ронда, тахти шоҳиро низ соҳиб гардид ва ба номи худ сикка бароварда, намоиш дода мешавад.

Сиккаҳои мис (Фалс) дар саросари давлати Сомониён зарб зада мешуданд ва воситаи асосии пулӣ дар савдои чакана ба ҳисоб мерафтанд. Қурби фалс нисбат ба дирҳам, мувофиқи маълумоти соли 921 бо таносуби 24 фалс=1 дирҳам муқаррар гардида буд (Замимаи 3, Феҳристи дирҳам ва фулуси шоҳони сомонӣ).

Давлати Сомониён, ки беш аз сад сол дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва як қисми Эрон пойдор буд, ба сабабҳои мухталиф, аз ҷумла хиёнати сарлашкарони турктабораш - Сабуктегин, Фоиқ ва ҳамчунин Алии Симҷурӣ, ки замоне волии Хуросон буд ва ду сиккаи ӯ низ дар витрина ҷой дода шудааст, соли 999 тавассути ӯрдуи туркони қарахонӣ тахти фармондеҳии Арслон-илок Наср, ки бо номи Илоккон маъруф аст, аз байн рафт.

Тасвирҳо. 1,2 Аҳмад б. Асад;. 3 ,4 Насри I б. Аҳмад; 5,6 Исмоил б.Аҳмад; 7 8, Асад б. Аҳмад; 9,10 Насри II б. Аҳмад; 11, 12 Нуҳ б. Наср ва Абд ал-Малик; 13,14 Мансур б. Нух; 15,16 Нуҳ б. Мансур; 17 Исмоил б. Нух



Аз Роҳнамои Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон



Тарғиби тарзи ҳаёти солим ва руҳияи даставӣ

Бонки миллии Тоҷикистон дар баробари иҷрои вазифаҳои калидии худ дар самти таъмини суботи молиявӣ ва рушди низоми бонкӣ, ба масъалаҳои рушди ҷисмонӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим миёни кормандон низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Бо ин мақсад кормандони Бонк пайваста дар чорабиниҳо ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ иштироки фаъолона дошта, дар рушди фарҳанги варзишӣ саҳми назаррас мегузоранд.

Дар ин раванд дастаи футболи Бонки миллии Тоҷикистон тайи солҳои охир ба яке аз дастаҳои фаъол ва муваффақ миёни ташкилоту муассисаҳои кишвар табдил ёфтааст. Иштироки мунтазам дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ, инчунин ба даст овардани натиҷаҳои назаррас аз омодагии баланди ҷисмонӣ, ҳамоҳангии даставӣ ва руҳияи ғолибонаи бозингарон шаҳодат медиҳад.

Соли 2026 барои дастаи футболи Бонки миллии Тоҷикистон соли дастовардҳои нав гардид. Даста дар мусобиқаи анъанавии футзал барои дарёфти Ҷоми “Formula55” ба номи Александр Кирсанов ва ҳамчунин дар мусобиқаи кушоди варзишӣ барои дарёфти “Ҷоми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, бо нишон додани маҳорати баланд, иродаи қавӣ ва бозии муназзам сазовори ҷойи аввал ва ҷомҳои асосии мусобиқаҳо гардид.

Ин дастовардҳо на танҳо натиҷаи омодагии хуби варзишии кормандон, балки таҷассумгари руҳияи баланди ҳамбастагӣ ва масъулиятшиносӣ мебошанд. Дастовардҳои варзишӣ дар баробари натиҷаҳои касбӣ ба таҳкими обрӯву нуфузи ниҳод мусоидат намуда, намунаи ибрат барои ҷавонон ва дигар кормандон дар роҳи интихоби тарзи ҳаёти солим ба шумор мераванд.

ДАСТАИ ФУТБОЛИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ҒОЛИБИ ҶОМИ БА НОМИ АЛЕКСАНДР КИРСАНОВ









Моҳи январи соли 2026 дар шаҳри Душанбе мусобиқаи анъанавии зимистона оид ба футзал барои дарёфти Ҷоми “Formula55”, ки ба хотираи собиқ бозингари машҳури дастаи “Помир”, “Вахш” ва “Ирригатор” Александр Кирсанов бахшида шудааст, баргузор гардид. Дар мусобиқаи дастаҳои ҳаваскор як қатор дастаҳои варзишии вазорату идораҳо ва муассисаҳои гуногун иштирок намуда, барои дарёфти ҷоми асосӣ байни ҳам рақобат намуданд.

Дастаи футболи Бонки миллии Тоҷикистон дар рафти мусобиқа бо сатҳи хуби омодагии ҷисмонӣ бозӣ карда, бо натиҷаҳои назаррас ба марҳилаи ниҳоӣ роҳ ёфт. Бозиҳои ниҳоӣ дар фазои рақобати солим баргузор гардиданд. Дар натиҷаи бозиҳои мусобиқаи футбол дастаи футболи Бонки миллии Тоҷикистон сазовори ҷойи аввал ва Ҷоми асосии мусобиқа гардид. Ҷойи дуюмро дастаи “Рахш таксӣ” ва ҷойи сеюмро дастаи “Ориёнбанк” соҳиб шуданд.

Дар мусобиқаи собиқадорон бошад, дастаи “Вавилон” ғолиб омад. “Ёсин Сохтмон” медалҳои нуқра ва тими “Фирдавс” нишонҳои биринҷиро соҳиб шуданд.

Қобили зикр аст, ки дар маросими ҷоизасупории мусобиқа директори Лигаи футзали Тоҷикистон Бахтовар Меликов, директори Лигаи футболи кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон Абдулло Соқиев, директори Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпӣ оид ба футболи Душанбе Субҳон Хоҷамов ва намояндаи ширкати “Formula55” Аҳмад Бобоев ширкат варзида, ба ғолибон Ҷоми мусобиқаро супориданд.

Мусобиқаи футболи ба номи Александр Кирсанов ҳамасола бо иштироки дастаҳои футболи ташкилоту муассисаҳо ба хотири гиромидошти шахсияти шинохтаи соҳаи варзиш ва ташаббускорони рушди футбол ташкил карда мешавад.

Баргузории чунин мусобиқаҳо тарзи ҳаёти



солимро тарғибу ташвиқ намуда, ба рушди футболи ҳаваскорӣ ва таҳкими дустиву ҳамгироӣ миёни кормандони ташкилоту муассисаҳои гуногун мусоидат менамоянд.

ҶОМИ ИФТИХОРӢ БА ХАЗИНАИ ДАСТОВАРДҲОИ БОНКИ МИЛЛӢ

Дар доираи чорабиниҳои бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим, таҳкими руҳияи ватандӯстӣ ва рушди ҳаракати варзишии байниидоравӣ аз 15 январ то 15 феврали соли 2026 мусобиқаи кушоди варзишӣ барои дарёфти “Ҷоми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти шиори “Ҷавонон ва амнияти миллӣ!” баргузор гардид.

Дар мусобиқа намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои қудратӣ, вазорату идораҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ аз рӯйи намудҳои гуногуни варзиш, аз ҷумла футболи хурд, гӯштини ҷудо, шашка ва шоҳмот байни ҳам рақобат намуданд.

Дастаи футболи Бонки миллии Тоҷикистон дар



ҷараёни мусобиқа маҳорати баланди варзишӣ, интизоми намунавӣ ва ҳамоҳангии комили даставиро нишон дода, дар ҳамаи марҳилаҳои рақобат натиҷаҳои назаррас ба даст овард. Бозии пурмазмун ва руҳияи ғолибонаи варзишгарон имкон фароҳам овард, ки даста бо муттаҳидӣ ва бозии пурқувват мақоми аввалро соҳиб шуда, ба дарёфти Ҷоми асосии мусобиқа мушарраф гардад.

Ин дастоварди шоиста бозгӯи таваҷҷуҳи пайвастаи Бонки миллии Тоҷикистон ба рушди варзиш, таҳкими саломатии кормандон ва тарғиби фарҳанги тарзи ҳаёти солим мебошад. Ҳамзамон, чунин натиҷаҳо аз сатҳи баланди омодагии ҷисмонӣ, масъулиятшиносӣ ва руҳияи баланди ҳамкориву ҳамбастагӣ миёни кормандон шаҳодат медиҳанд.

Муваффақияти навбатии дастаи футболи Бонки миллии Тоҷикистон идомаи силсилаи дастовардҳои варзишии кормандони ниҳод буда, дар таҳкими обрӯ ва нуфузи Бонк дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва варзишии кишвар саҳми арзанда мегузорад. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, аъзои дастаи футболи Бонки миллии Тоҷикистон хонандагони маҷалларо шинос намоем.

М. Ҳасанова

РӮЙХАТИ ДАСТАИ ФУТБОЛИ ХУРДИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



Муродализода Далер
муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон.



Қурбонов Навруз
муовини сардори идораи кормандон.



Эргашев Мансур
сармутахассиси шуъбаи банақшагирии молиявӣ ва таҳлил.



Абдуалимов Беҳруз
сармутахассиси хадамоти ташрифот.



Расулов Зоҳиршо
сармутахассиси бахши ирсоли шуъбаи умумӣ.



Қурбонов Даврон
ронандаи дараҷаи 2 шуъбаи нақлиёти идораи корҳо.



Мирзоев Фаридун
сармутахассиси идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ.



Олимов Фирузҷон
сармутахассиси департаменти технологияҳои иттилоотӣ.



Ғаниев Аҳлиддин
мудири анбори идораи корҳо.



Мансуров Шаҳбоз
сармутахассиси департаменти низоми пардохт.



Воҳидов Баҳодур
мутахассиси дараҷаи I департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор.



Одилов Фарзод
мутахассиси дараҷаи 2 идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор.



Мирзоев Султоншоҳ
хазинадори дараҷаи 2 департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадорӣ.



Сабуров Халид
хазинадори дараҷаи 2 департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадорӣ.



Раҷабиён Муслиҳиддин
мутахассиси департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд.



Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд”, “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар давоми моҳҳои январ-марти соли 2026 бо мақсади таҳким бахшидани низоми бонкӣ ва тавсеа бахшидани хизматрасонии молиявӣ, ба як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва аудиторӣ иҷозатнома дод.

Иҷозатномаҳо

Дар бораи ҶДММ ТАҚХ “Пулсар”
06.01.2026

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурди “Пулсар” барои анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дод.

Дар бораи ҶДММ ТАҚХ “Доро Молия”
12.01.2026

Тибқи қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурди “Доро Молия” тавассути азнавбарасмиятдарорӣ барои фаъолияти ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ҷиҳати анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

Дар бораи ҶДММ “Нексия Тоҷикистон”
26.01.2026

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон

ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Нексия Тоҷикистон" ҷиҳати анҷом додани фаъолияти аудиторӣ барои аудити ташкилотҳои қарзӣ иҷозатнома дод.

Дар бораи ҶДММ "ЭЙЧ ЭЛ БИ ТОҶИКИСТОН АУДИТ"
13.02.2026

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" иҷозатномаи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "ЭЙЧ ЭЛ БИ ТОҶИКИСТОН АУДИТ" барои фаъолияти аудиторӣ дар бахши аудити ташкилотҳои суғуртавӣ бекор карда шуд.

Ба ҶДММ ТАҚҲ "Бабр Капитал"
23.02.2026

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ", Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурди "Бабр Капитал" ҷиҳати анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дод.

Дар бораи ҶСП ТАҚҲ "Сандуқ"
02.03.2026

Дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, ба ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ташкилоти амонатии қарзии хурди "Сандуқ" бинобар тағйир ёфтани маҳалли ҷойгиршавӣ, тавассути азнавбарасмиятдарорӣ ҷиҳати анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд

Дар баробари ин, Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори навбатии худ санаи 4 марти соли 2026 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, ба ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ташкилоти амонатии қарзии хурди "Сандуқ" бинобар тағйир ёфтани маҳалли ҷойгиршавӣ тариқи азнавбарасмиятдарорӣ ҷиҳати анҷом додани фаъолияти бонкии исломӣ тавассути "равзанаи бонкии исломӣ" дар шакли филиал бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дод.

Дар бораи ҶДММ "Бейкер Тилли Тоҷикистон"
13.03.2026

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Бейкер Тилли Тоҷикистон" ҷиҳати анҷом додани фаъолияти аудиторӣ барои аудити ташкилотҳои суғуртавӣ иҷозатнома дода шуд.

Дар бораи ҶДММ "Ширкати машваратии аудитории Ориён"
13.03.2026

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи


Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ширкати машваратии аудитории Ориён”, ҷиҳати анҷом додани фаъолияти аудиторӣ барои аудити ташкилотҳои суғуртавӣ иҷозатнома дод.

Дар бораи ҶДММ “Тад Дюти Фри”
16.03.2026

Мутобиқи қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва Дастурамали №251 “Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Тад Дюти Фри” барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъор аз рӯйи намуди хизматрасонии (фаъолияти) махсус иҷозатнома дода шуд.

Дар бораи ҶСК “Ширкати таъминоти сӯзишворӣ”
16.03.2026

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва Дастурамали №251 “Дар бораи соҳаи истифода, тартиби муомилоти асъори хориҷӣ, тартиб ва қоидаҳои додан ва бозхонд намудани иҷозатнома барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Ширкати таъминоти сӯзишворӣ” барои фаъолият ҷиҳати анҷомдиҳии амалиёт бо асъор аз рӯйи намуди хизматрасонии (фаъолияти) махсус иҷозатнома дод.





ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (МЛН. СОМОНӢ)			ДОРОИҲО	
НОМГӮЙИ БОНКҲО	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			номиналӣ	нисбӣ
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	9 223,9	12 335,0	3 111,1	33,7%
ҶСК "Бонки Эсхата"	7 713,7	8 485,4	771,7	10,0%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	4 387,8	5 687,3	1 299,5	29,6%
ҶСК "Ориёнбонк"	5 961,5	5 137,7	-823,8	-13,8%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	3 667,0	4 913,2	1 246,2	34,0%
ҶСК "Алиф Бонк"	2 155,1	3 073,8	918,7	42,6%
ҶСП "Спитамен Бонк"	3 506,4	2 943,4	-563,0	-16,1%
ҶСП "Ҳумо Бонк"	2 149,9	2 791,0	641,1	29,8%
ҶСП Бонки "Имон Интернешнл"	2 338,9	2 765,1	426,2	18,2%
ҶСП Бонки "Арванд"	1 653,4	2 081,3	427,8	25,9%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	2 924,7	1 804,1	-1 120,7	-38,3%
ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон"	1 301,6	1 431,2	129,6	10,0%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	1 173,7	1 348,1	174,4	14,9%
ҶСП "Актив Бонк"	514,1	954,6	440,5	85,7%
ҶСП "Васл Бонк"	0,0	413,6	413,6	100,0%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	144,3	320,5	176,2	122,1%
ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон"	93,0	215,8	122,9	132,1%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	74,1	72,7	-1,4	-1,9%
ҶСК "Тавҳидбонк"	314,8	537,7	222,9	70,8%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (МЛН. СОМОНӢ)			◙ УҲДАДОРИҲО	
НОМГӮЙИ БОНКҲО	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			номиналӣ	нисбӣ
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	8 227,9	11 199,5	2 971,6	36,1%
ҶСК "Бонки Эсхата"	6 481,8	6 859,0	377,2	5,8%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	3 205,7	4 317,3	1 111,6	34,7%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	3 736,2	4 313,9	577,7	15,5%
ҶСК "Ориёнбонк"	4 385,4	3 468,7	-916,7	-20,9%
ҶСК "Алиф Бонк"	1 886,1	2 695,2	809,0	42,9%
ҶСП "Спитамен Бонк"	3 121,0	2 514,3	-606,7	-19,4%
ҶСП Бонки "Имон Интернешнл"	1 974,8	2 325,7	350,9	17,8%
ҶСП "Ҳумо Бонк"	1 778,2	2 291,4	513,2	28,9%
ҶСП Бонки "Арванд"	1 385,5	1 740,2	354,7	25,6%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	2 540,2	1 359,6	-1 180,6	-46,5%
ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон"	1 028,9	1 122,4	93,5	9,1%
ҶСП "Актив Бонк"	403,4	820,8	417,4	103,5%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	524,1	612,1	88,0	16,8%
ҶСП "Васл Бонк"	0,0	264,8	264,8	100,0%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	84,1	260,1	176,1	209,4%
ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон"	0,3	149,8	149,4	42873%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	26,8	24,0	-2,8	-10,4%
ҶСК "Тавҳидбонк"	187,9	368,5	180,7	96,2%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (МЛН. СОМОНӢ)			◙ САРМОЯ	
НОМГӮЙИ БОНКҲО	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			номиналӣ	нисбӣ
ҶСК "Ориёнбонк"	1 576,0	1 668,9	92,9	5,9%
ҶСК "Бонки Эсхата"	1 231,9	1 626,4	394,5	32,0%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	651,6	1 373,5	721,8	110,8%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	996,1	1 135,5	139,5	14,0%
КВД БСТ "Саноатсодиротбонк"	649,7	736,0	86,4	13,3%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	461,3	595,9	134,7	29,2%
ҶСП "Ҳумо Бонк"	371,7	499,6	127,9	34,4%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	384,5	444,5	60,0	15,6%
ҶСП Бонки "Имон Интернешнл"	364,1	439,3	75,3	20,7%
ҶСП "Спитамен Бонк"	385,4	429,1	43,7	11,3%
ҶСК "Алиф Бонк"	268,9	378,6	109,7	40,8%
ҶСП Бонки "Арванд"	267,9	341,0	73,1	27,3%
ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон"	272,8	308,8	36,0	13,2%
ҶСП "Васл Бонк"	0,0	148,8	148,8	100,0%
ҶСП "Актив Бонк"	110,7	133,7	23,1	20,8%
ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон"	92,6	66,1	-26,6	-28,7%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	60,2	60,4	0,2	0,3%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	47,4	48,7	1,4	2,9%
ҶСК "Тавҳидбонк"	126,9	169,2	42,3	33,3%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (МЛН. СОМОНӢ)			◙ БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ	
НОМГӮЙИ БОНКҲО	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			номиналӣ	нисбӣ
ҶСК "Бонки Эсхата"	4 141,1	5 419,6	1 278,6	30,9%
ҶСК "Ориёнбонк"	3 039,2	3 118,3	79,1	2,6%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	2 951,9	3 050,1	98,2	3,3%
ҶСП "Ҳумо Бонк"	1 692,8	2 247,9	555,0	32,8%
ҶСП Бонки "Имон Интернешнл"	1 969,7	2 223,5	253,8	12,9%
ҶСП Бонки "Арванд"	1 385,1	1 790,3	405,2	29,3%
ҶСП "Спитамен Бонк"	1 479,8	1 777,0	297,2	20,1%
ҶСК "Алиф Бонк"	983,2	1 344,0	360,8	36,7%
ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон"	809,3	949,8	140,5	17,4%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	826,9	920,6	93,7	11,3%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	719,3	885,7	166,4	23,1%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	554,6	649,8	95,2	17,2%
ҶСП "Актив Бонк"	129,8	271,3	141,5	109,0%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	157,7	217,8	60,1	38,1%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	52,0	159,3	107,3	206,4%
ҶСП "Васл Бонк"	0,0	67,6	67,6	100,0%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	28,6	27,4	-1,2	-4,2%
ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон"	0,0	0,8	0,8	100,0%
ҶСК "Тавҳидбонк"	157,3	280,4	123,1	78,3%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (МЛН. СОМОНӢ)			◙ БАҚИЯИ АМОНАТҲО	
НОМГЎЙИ БОНКҲО	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			номиналӣ	нисбӣ
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	7 319,2	9 918,8	2 599,6	35,5%
ҶСК "Бонки Эсхата"	4 321,8	4 826,9	505,1	11,7%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	3 062,5	3 851,7	789,1	25,8%
ҶСК "Ориёнбонк"	2 181,8	3 166,7	984,8	45,1%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	2 185,2	3 039,9	854,8	39,1%
ҶСК "Алиф Бонк"	1 413,1	1 954,1	541,0	38,3%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	2 413,8	1 253,3	-1 160,5	-48,1%
ҶСП Бонки "Имон Интернешнл"	997,3	1 201,0	203,6	20,4%
ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон"	904,9	950,8	46,0	5,1%
ҶСП "Ҳумо Бонк"	604,5	847,9	243,4	40,3%
ҶСП "Спитамен Бонк"	804,1	705,9	-98,3	-12,2%
ҶСП Бонки "Арванд"	443,6	526,1	82,5	18,6%
КВД БСТ "Саноатсодиротбонк"	424,7	489,9	65,2	15,4%
ҶСП "Актив Бонк"	214,8	436,9	222,0	103,3%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	61,8	237,6	175,7	284,2%
ҶСП "Васл Бонк"	0,0	169,5	169,5	100,0%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	7,5	19,1	11,6	155,0%
ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон"	0,1	11,6	11,5	10725%
ҶСК "Тавҳидбонк"	78,1	180,8	102,7	131,5%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (МЛН. СОМОНӢ)			ФОИДА/ЗАРАР	
НОМГЎЙИ БОНКҲО	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			номиналӣ	нисбӣ
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	85,0	197,0	112,0	131,9%
ҶСК "Бонки Эсхата"	118,8	88,4	-30,4	-25,6%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	29,3	82,2	52,9	180,8%
ҶСК "Ориёнбонк"	190,5	76,9	-113,6	-59,7%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	36,3	44,0	7,7	21,1%
ҶСП "Ҳумо Бонк"	29,0	36,2	7,3	25,2%
ҶСК "Алиф Бонк"	30,0	25,6	-4,4	-14,7%
ҶСП Бонки "Имон Интернешнл"	19,7	21,9	2,2	11,2%
ҶСП Бонки "Арванд"	11,1	21,8	10,7	95,9%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	12,7	18,7	6,0	46,8%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	14,3	13,1	-1,2	-8,3%
ҶСП "Спитамен Бонк"	30,2	8,3	-21,9	-72,4%
ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон"	5,7	6,4	0,7	12,8%
ҶСП "Актив Бонк"	2,2	6,2	4,0	187,7%
ҶСП "Васл Бонк"	0,0	5,8	5,8	100,0%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	2,0	1,9	-0,1	-4,1%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	0,7	0,8	0,1	8,5%
ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон"	-3,6	-8,6	-5,0	-139,2%
ҶСК "Тавҳидбонк"	2,9	5,6	2,7	94,3%



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ ДОРОИҲО	
НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			(бо маблағ)	(бо фоиз)
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	305 843,5	460 316,6	154 473,1	50,5%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	242 532,0	253 926,6	11 394,7	4,7%
ҶДММ "ТС Бима"	221 112,1	214 986,0	-6 126,1	-2,8%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	70 476,2	83 434,0	12 957,8	18,4%
КВД "Тоҷиксуғурта"	58 451,6	66 613,2	8 161,6	14,0%
ҶДММ “Бохтар Иншуренс”	20 000,0	57 191,3	37 191,3	2,9 мар.
ҶДММ "ДС суғурта"	17 619,3	22 218,0	4 598,7	26,1%
ҶДММ "ТС "Муин""	16 705,9	12 935,0	-3 770,9	-22,6%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	9 172,8	7 955,4	-1 217,4	-13,3%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	7 918,8	6 864,7	-1 054,2	-13,3%
ҶДММ "ТС Такаффул"	5 884,4	7 189,2	1 304,8	22,2%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	5 478,5	6 921,9	1 443,3	26,3%
ҶДММ "ТС Итминон"	4 110,2	4 183,1	72,9	1,8%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	3 154,2	4 014,0	859,8	27,3%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	2 351,2	6 263,3	3 912,1	2,7 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	2 134,8	2 145,9	11,1	0,5%
Ҳамагӣ	**992 945,6**	**1 217 158,1**	**224 212,6**	**22,6%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ УҲДАДОРИҲО	
НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			(бо маблағ)	(бо фоиз)
ҶДММ "ТС Бима"	141 628,7	133 496,0	-8 132,7	-5,7%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	97 547,7	97 422,0	-125,7	-0,1%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	42 198,5	55 803,6	13 605,1	32,2%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	27 163,1	32 127,7	4 964,6	18,3%
КВД "Тоҷиксуғурта"	25 726,5	26 140,4	413,9	1,6%
ҶДММ "ДС суғурта"	11 338,7	9 271,0	-2 067,7	-18,2%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	5 911,0	3 388,0	-2 523,0	-42,7%
ҶДММ "ТС Такаффул"	4 446,7	5 723,8	1 277,1	28,7%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	3 527,0	2 271,4	-1 255,6	-35,6%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	2 748,5	2 507,3	-241,2	-8,8%
ҶДММ "ТС "Муин""	1 032,9	1 616,0	583,1	56,5%
ҶДММ "ТС Итминон"	870,7	985,2	114,5	13,2%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	697,8	1 150,0	452,2	64,8%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	124,8	145,9	21,1	16,9%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	65,0	44,7	-20,3	-31,2%
ҶДММ "Бохтар Иншуренс"	0,0	26 935,8	26 935,8	-
Ҳамагӣ	**365 027,6**	**399 028,7**	**34 001,1**	**9,3%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ САРМОЯ	
НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			(бо маблағ)	(бо фоиз)
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	215 368,9	221 799,2	6 430,3	3,0%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	208 295,8	362 894,0	154 598,2	74,2%
ҶДММ "ТС Бима"	79 483,4	81 491,0	2 007,6	2,5%
КВД "Тоҷиксуғурта"	32 725,1	40 473,0	7 747,9	23,7%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	28 277,7	27 630,0	-647,7	-2,3%
ҶДММ “Бохтар Иншуренс”	20 000,0	30 256,6	10 256,6	51,3%
ҶДММ "ТС "Муин""	15 673,0	11 319,0	-4 354,0	-27,8%
ҶДММ "ДС суғурта"	6 280,6	12 947,0	6 666,4	106,1%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	5 645,8	5 684,1	38,4	0,7%
ҶДММ "ТС Итминон"	3 239,5	3 197,6	-41,9	-1,3%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	2 730,0	4 430,3	1 700,3	62,3%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	2 456,4	2 866,0	409,6	16,7%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	2 286,2	6 218,4	3 932,2	2,7 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	2 000,0	2 000,0	0,0	-
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	2 007,8	3 477,0	1 469,3	73,2%
ҶДММ "ТС Такаффул"	1 437,7	993,0	-444,7	-30,9%
Ҳамагӣ	**627 907,9**	**817 676,3**	**189 768,3**	**30,2%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ ВОРИДОТИ МУКОФОТ	
НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			(бо маблағ)	(бо фоиз)
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	38 986,6	33 002,6	-5 984,0	-15,3%
ҶДММ "ТС Бима"	24 989,4	25 656,0	666,6	2,7%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	21 701,2	20 699,6	-1 001,6	-4,6%
КВД "Тоҷиксуғурта"	13 833,8	13 403,8	-430,0	-3,1%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	7 606,7	7 047,4	-559,3	-7,4%
ҶДММ "ТС Такаффул"	1 979,4	1 832,0	-147,4	-7,4%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	1 874,4	1 378,0	-496,4	-26,5%
ҶДММ "ДС суғурта"	1 389,1	3 761,0	2 371,9	2,7 мар.
ҶДММ "ТС "Муин""	817,0	623,6	-193,4	-23,7%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	517,7	921,3	403,6	78,0%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	358,2	795,0	436,8	2,2 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	328,9	893,6	564,7	2,7 мар.
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	31,5	176,9	145,4	5,6 мар.
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	0,0	0,0	0,0	-
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0,0	0,0	0,0	-
ҶДММ “Бохтар Иншуренс”	0,0	10 302,1	10 302,1	-
Ҳамагӣ	**114 413,9**	**120 492,9**	**6 079,0**	**5,3%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ ПАРДОХТҲОИ СУҒУРТАВӢ	
НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			(бо маблағ)	(бо фоиз)
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	6 545,6	17,0	-6 528,6	-99,7%
ҶДММ "ДС суғурта"	2 778,2	2 382,0	-396,2	-14,3%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	1 919,5	1 432,0	-487,5	-25,4%
ҶДММ "ТС Бима"	1 288,7	1 807,0	518,3	40,2%
КВД "Тоҷиксуғурта"	871,4	485,0	-386,4	-44,3%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	503,4	2 402,0	1 898,6	4,8 мар.
ҶДММ "ТС Такаффул"	356,2	194,0	-162,2	-45,5%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	119,3	183,0	63,7	53,4%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	75,2	92,0	16,8	22,3%
ҶДММ "ТС "Муин""	62,9	36,0	-26,9	-42,8%
ҶДММ "ТС Итминон"	21,2	32,0	10,8	50,9%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	20,3	125,0	104,7	6,2 мар.
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	0,0	0,0	0,0	-
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	0,0	86,0	86,0	-
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0,0	0,0	0,0	-
ҶДММ "Бохтар Иншуренс"	0,0	61,0	61,0	-
Ҳамагӣ	**14 562,0**	**9 334,0**	**-5 228,0**	**-35,9%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 (АДАД)			◙ ШАРТНОМАҲО	
НОМГӮЙИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	31.03.2025	31.03.2026	Тағйирот нисбати 31.03.2025	
			(бо адад)	(бо фоиз)
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	339 131	273 103	-66 028	-19,5%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	178 130	162 374	-15 756	-8,8%
КВД "Тоҷиксуғурта"	56 727	53 338	-3 389	-6,0%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	12 596	12 889	293	2,3%
ҶДММ "ТС Бима"	10 740	19 868	9 128	85,0%
ҶДММ "ТС "Муин""	8 875	1 136	-7 739	-87,2%
ҶДММ "ДС суғурта"	640	12	-628	-98,1%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	235	319	84	35,7%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	102	33	-69	-67,6%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	66	65	-1	-1,5%
ҶДММ "ТС Такаффул"	46	37	-9	-19,6%
ҶДММ "ТС Итминон"	31	47	16	51,6%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	26	249	223	9,6 мар.
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	0	0	0	-
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0	0	0,0	-
ҶДММ “Бохтар Иншуренс”	0	83 261	83 261,0	-
Ҳамагӣ	**607 345**	**606 731**	**-614**	**-0,1%**

Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон





Пайки Ҳақ аз осмон ояд ҳаме,
Рӯзи Наврӯзи ҷаҳон ояд ҳаме.
Бар диёри файзбори тоҷикон
Гулнисору гулфишон ояд ҳаме.

Ҳасани СУЛТОН